**Абдуллоҳи Раҳнамо**

# ДӮСТ ДОР ЗИСТАН

***

**Мунтахабе ба муносибати 50-солагии муаллиф**

**Душанбе**
**«ЭР-граф»**
**2021**

ББК 72.3 + 83.3(2Тоҷик) + 83.2(2Тоҷик)
Р – 44

Муҳаррир:
**Қиёмиддин Сатторӣ**

**Абдуллоҳи Раҳнамо**
**Р–44 Дӯст дор зистан.** Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 160 саҳ.

Абдуллоҳи Раҳнамо барои адабиёти муосири тоҷик номи ошно буда, навиштаҳои аввалини ӯро ҳанӯз солҳои 90-ум устодон Бозор Собир ва Гулрухсор бо арзёбии баланд муаррифӣ намудаанд. Маҷмӯаи шеърҳои овони ҷавонии ӯ «Оғози дӯстдорӣ» соли 2003 ва маҷмӯаи дуюми ӯ «Ту дар гуфтан намеойӣ...» соли 2015 ба нашр расида буданд. Ҳамчунин, дар солҳои охир ҳаҷми зиёди осори назмию насрии Раҳнамо аз тариқи матбуоти даврӣ ва расонаву шабакаҳои маҷозӣ пайваста дастраси ҷомеа гаштаанд.

Китоби «Дӯст дор зистан» маҷмӯаи сеюми шеърҳои ӯ буда, ба муносибати 50-солагии муаллиф интихоб ва тадвин шудааст. Аз ин рӯ, он силсилаи шеърҳои нави муаллиф ва низ гулчине аз маҷмӯаҳои пешини ӯро дар бар мегирад.

Умедворем мавриди истиқболи аҳли шеъру адаб ва хонандагони хушзавқ қарор гирад.

ISBN 978-99975-71-60-1

© Абдуллоҳи Раҳнамо, 2021

# Сухане дар бораи ин маҷмӯа

Китобе, ки дар даст доред, мунтахаби ашъори яке аз шоирони хуби муосири мо Абдуллоҳи Раҳнамо мебошад, ки ба муносибати 50-солагии муаллиф гулчин ва тадвин шудааст. Он як силсила шеърҳои нави муаллиф ва ҳамчунин, баъзе намунаҳоро аз маҷмӯаҳои пешини ӯ — «Оғози дӯстдорӣ» (2003) ва «Ту дар гуфтан намеойӣ…» (2015) дар бар мегирад.

Абдуллоҳи Раҳнамо барои хонандагони адабиёти муосири тоҷик номи ошно буда, навиштаҳои аввалини ӯро ҳанӯз дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта устод Бозор Собир ва бону Гулрухсор дар ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ва маҷаллаи «Фарҳанг» бо сарсуханҳои дилнишин ба ҷомеа муаррифӣ намуда буданд. Ҳанӯз дар ҳамон солҳо ӯ дар муҳити ҷавонону донишҷӯён ҳамчун шоири ҷавони соҳибистеъдод шуҳрати зиёд ёфта буд ва навиштаҳояш дар матбуоти даврӣ пайиҳам чоп мешуданд. Аввалин маҷмӯаи шеърҳои даврони ҷавонии ӯ бо номи «Оғози дӯстдорӣ» соли 2003 бо сарсухани устод Низом Қосим дар нашриёти «Адиб» ба табъ расида буд.

Солҳои баъдӣ низ эҷодиёти назмию насрии Абудуллоҳи Раҳнамо ба таври пайваста дар матбуот ва расонаву шабакаҳои иттилоотӣ нашр мешуданд, ки аксари онҳо дар маҷмӯаи дуюми шеърҳои ӯ бо номи «Ту дар гуфтан намеойӣ...» соли 2015 бо пешгуфтори устоди назми муосири тоҷик Муъмин Қаноат гирдоварӣ гаштаанд.

Дар солҳои охир Абдуллоҳи Раҳнамо бештар чун муҳаққиқи соҳаҳои илмию ҷамъиятӣ ба публитсистикаи сиёсӣ ва таҳияи китобу мақолаҳои илмӣ дар ин самт машғул буд, ки маҳсули ин фаъолияти пурбори ӯ барои ҷомеа ошност. Бо вуҷуди ин, аз маҷмӯаи назару маводе, ки солҳои гузашта ва имрӯз устодони шинохтаи илму сухани кишвар ва муҳаққиқони илми адабиётшиносӣ Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор, Раҳими Мусалмониён, Низом Қосим, Рустами Ваҳҳоб, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Толиби Луқмон ва дигарон дар бораи шеърҳои Раҳнамо навиштаанд, метавон гуфт, ки сурудаҳои ӯ ҳамоно таваҷҷуҳи ҷиддии аҳли завқу таҳлилу андешаро сӯйи худ мекашад.

Хусусан, истиқболи васеъ ёфтани ашъори имрӯзи Раҳнамо аз тарафи корбарони расонаву шабакаҳои маҷозӣ, ки миёни онҳо аҳли илму адабиёт ва аҳли завқ кам нестанд, нишон медиҳад, ки имрӯз ӯ яке аз шоирони пуркор ва матраҳ дар фазои адабии мо мебошад. Аз ин миён, бахусус силсилаи ашъори иҷтимоӣ ва ватандоронаи ӯ дар солҳои охир, ки мавзӯъҳои муҳим ва мубрами рӯзро дар бар гирифта, ба такмили маърифату таҳкими

ҳисси ватандӯстонаи ҷомеа равона шудаанд, боиси такони ҷиддие дар ин самт гаштаанд. Хусусияти асосии ашъори иҷтимоии ӯ дар он аст, ки худи муаллиф ҳамчун мутахассиси илмҳои ҷамъиятӣ ва собиқадори хизмати давлатӣ аз аксари арзишҳои бунёдии ҷомеа ва давлат, масъалаҳои мубрами сиёсию иҷтимоӣ ва таҳдиду чолишҳои мавҷуда дар раванди таърихии таҳкими давлатдорӣ ва истиқлолияти сиёсии кишвар ба хубӣ огоҳ буда, бо як салоҳияти хос дар шеъри худ онҳоро аз мавқеи баланди шаҳрвандӣ ва ватандорӣ ба миён мегузорад.

Аммо ба ин далел, ки дар китоб бахши асосии пешсухани бисёр арзишманди устод Муъмин Қаноат бар маҷмӯаи «Ту дар гуфтан намеойӣ…» ва пешгуфтори кӯтоҳи устод Низом Қосим бар маҷмӯаи «Оғози дӯстдорӣ»-и Раҳнамо оварда шудаанд, назари ин ду саррофи нақди суханро барои арзёбии шеъри ӯ кофӣ documentation дониста, ин ҷо таҳлилу баррасиву намунаоварии ҷузъии ашъори Раҳнаморо пас аз нашри китоб ба мунаққидону муҳаққиқони гиромии соҳаи адабиёт мегузорем.

Танҳо бо иловаи ин нукта, ки чун маҷмӯа хусусияти ҷашнӣ дошта, дар он шеърҳои давраҳои гуногуни эҷодиёти муаллиф, аз ҷавонию донишҷӯйӣ то ишқу андӯҳ ва аз даврони тасвиргарии лирикӣ то марҳалаи ашъори муосири иҷтимоиву ватансароӣ интихоб гаштаанд, ҳар яки онҳо рӯҳия ва лаҳзаҳои бисёр мухталифи давраҳои гуногуни зиндагии муаллифро ифода мекунанд, ки

бояд хонанда онро дар назар дошта бошад. Аммо дар як маҷмӯаи ҷашнӣ аҳаммияти чунин интихоб дар он аст, ки он на танҳо ҳунари эҷодӣ, олами тахайюл ва ҷаҳони фикрии муаллиф, балки хатти таҳаввули эҷодиёти ӯ ва марҳалаҳои камолёбии шаклӣ ва мазмунии шеърашро ба хубӣ нишон дода метавонад.

Бо табрики самимонаи панҷоҳумин баҳори умри Абдуллоҳи Раҳнамо, барои ӯ саломативу хушбахтӣ ва дар ҷодаи эҷодӣ комёбиҳои навинро орзу дорем. Бо ин таъкид, ки адабиёти муосир ва ҷомеаи адабпарвари мо аз ин чеҳраи соҳибистеъдоди худ, ки инак, ба синни камоли эҷодӣ мерасад, ҳам дар назми ғаноиву иҷтимоӣ ва ҳам дар насри бадеиву публитсистӣ осору қадамҳои ҷиддиву устуворро интизор аст.

**Ато Мирхоҷа**

# Набзи шеъри
# Абдуллоҳи Раҳнамо

(Аз пешсухани устоди зиндаёд Муъмин Қаноат
бар маҷмӯаи «Ту дар гуфтан намеойӣ…», Душанбе,
нашриёти «Бухоро», 2015)

Дастаи шеърҳои Абдуллоҳи Раҳнамо, ки ба дастам расид, ҳаҷман зиёд набуд, аммо бо хондани чанд шеъри аввал дарёфтам, ки маводи ҷиддиеро дар ихтиёр дорам. Ин буд, ки онро то охир хондам ва хушҳолам, ки бо ашъори ӯ ошно шудам. Аввалин чизе, ки ба зеҳнам гузашт, ин буд, ки хушбахтона, гавҳари бузурги адабиёту андешаи мо ҳанӯз шодоб аст ва боз ҳам дар ҷилваҳои тоза ба тоза таҷаллӣ мекунад. Ашъори нави Абдуллоҳи Раҳнамо як таҷаллии тозаи сухан ва хиради азалии мардуми бостонии мост. Чун дар ин ашъор ҳам тозагӯйиҳои шаклӣ ва ҳам тозакориҳои мазмунӣ фаровон аст, пажӯҳиши байт ба байти онро ба мунаққидони адабиёт вогузошта, фақат чанд фикри мухтасари худро дар ин бора баён менамоям.

Шеърҳои Абдуллоҳи Раҳнамо дар адабиёти муосири мо як равияи бисёр ҷиддӣ, яъне шеъри андеша ва тафаккурро эҳё менамоянд. Ин равия нав нест, адабиёти мо ҳамеша андешамеҳвар ва андешапарвар буд. Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро ба номи «Худованди ҷону хирад» оғоз кард. Хирад ҳамеша меҳвари шеъри форсӣ будааст. Аммо дар солҳои охир мо эҳсос менамоем, ки ин ҷанбаи бунёдии адабиёти мо дар шеъри тоҷик заиф мешавад. Метавон гуфт, ки шояд ба аксари шоирони муосири мо барои нигоҳ доштани ин сатҳ на танҳо қудрати забонӣ, балки дониши зарурии адабӣ, таърихӣ, табиӣ ва ҷамъиятӣ низ намерасад. Ин аст, ки гоҳе агар шакли сухани онҳо бо санъатҳои шеърӣ ороста бошад, боз ҳам холигии маънавӣ эҳсос мешавад.

Аммо Абдуллоҳи Раҳнамо талош дорад, ки маърифат ва маънӣ дар меҳвари сухан қарор гирад ва дар ин самт то ҷое муваффақ шудааст. Зеро худи ӯ пеш аз шоир будан, олим ва муҳаққиқ аст. Ҳамин нукта шояд муҳимтарин дастовард барои худи ӯ ва барои шеъри ӯ бошад, яъне тавозуни сухани равон ва андешаи баланд:

*Саҳар чу дафтари маънии ноб во кардам,*
*Туро зи сабзтарин ёдҳо садо кардам.*
*Чу тарҳи рӯйи ту дар дидаам намоён шуд,*
*Ман имшаб аз пари мижгон задан ҳаё кардам.*
*Зи оби гавҳари имону ақли пуртадбир,*
*Дар обгинаи тавҳид кимиё кардам.*
*Миёни дину сиёсат чӣ фитнаҳо мерафт,*
*Ман ин ду тоифаро бо ҳам ошно кардам.*

*Агарчи миллату дину ватан тиҷорат шуд,*
*Ба миллату ватану дини худ вафо кардам…*

Хусусияти дигари шеърҳои ӯ моҳияти иҷтимоии онҳост. Имрӯз мо шеъри шиор ва шеъри васфиро бисёр мебинем, аммо Абдуллоҳи Раҳнамо ба ҷомеа бо нигоҳи жарфтар аз ин нигариста, дардҳои моро рӯшан мекушояд. Муҳимтарин ҷанбаи ашъори мунаққидонаи ӯ ин аст, ки Раҳнамо худро аз берун ё аз фосила қарор дода, ҷомеаро ва дигаронро танқид намекунад. Балки ӯ ҳамчун бахше аз ин ҷомеа, аз роҳи накди ҷиддии худ дардҳои ҷомеаро баён месозад. Ин як ҷасорат, балки як ҳамдиливу некхоҳии бисёр фарзандона ва самимона бо ҷомеаи худ аст… Барои шинохти дурусти ин навъи шеърҳо ба онҳо на аз нигоҳи идеологӣ, балки бояд маҳз аз нигоҳи маърифатӣ ва шаҳрвандӣ нигарист. Он гоҳ ҳар яки мо худро дар он мебинад, дардҳои худро дарёфта даво мебахшад.

Аз назари мавзӯъ низ шеърҳои Абдуллоҳи Раҳнамо дар канори мавзӯъҳои анъанавӣ, як силсила мавзӯъҳо ва масъалаҳои наву тоза дорад. Ё дар бахше аз шеърҳо ӯ ба мавзӯъҳои ҷории адабиёти мо бо нигоҳи комилан тоза менигарад. Мисоли чунин нигоҳи тоза ба мавзӯи ҷориро метавон дар шеъри «Инқилоб» дид. Мавзӯи инқилоб барои адабиёти мо бисёр ошност ва дар шеъри сиёсию иҷтимоии мо истилоҳи инқилоб маъмулан, ба маънои тағйири низоми ҷамъиятию сиёсӣ истифода мешуд, аммо Раҳнамо ба он аз нигоҳи комилан дигар нигариста,

дар худи ҳамин мавзӯъ инқилоб мекунад. Паёми асосии ӯ ин аст, ки то замоне, ки мо дар худ, дар тафаккури худ ва дар тарзи зиндагии рӯзмараи худ дигаргунӣ ворид насозем, инқилобе ба мо кумак намекунад:

*Инқилоби ҳар яки мо ростии кори мост,*
*Рӯшании фикри мову дидаи бедори мост,*
*Дасти поку қалби поку лафзи беозори мост,*
*Инқилоби ҳар яки мо нанги мову ори мост,*
*Ҳар яки мо гар ба кори хеш гардад комёб,*
*Пас ҳамин аст инқилоб!*

Ё мисоли дигари нававарии мавзӯии ӯ дар шеър ворид намудани масъалаҳои давлату давлатдорӣ, тафаккури миллӣ, маориф, муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғайра мебошад. Аммо ӯ ин мавзӯъҳои аз назари адабӣ хушк ва мушкилро бо ҷиддияти тамом баррасӣ намуда, чун дарди амиқ дар қолаби шеъри равон ба миён мегузорад. Масалан, дар «Манзумаи маориф», ки аз назари шаклу услуб низ нававарона аст, чунин мехонем:

*Нашояд на марду на зан бе маориф,*
*Ки натвон дигар зистан бе маориф.*
*Бузургии мо ҷойгоҳе надорад,*
*Ба асри ҷаҳонишудан, бе маориф.*
*Дар ин гирдбоди бузурги ҷаҳонӣ,*
*Муҳол аст ҳифзи Ватан бе маориф.*

Албатта, сартосари ин манзума пур аз маъно, мафҳум ва паёмҳои ҷиддист. Масалан, дар он боз мехонем:

*Ҷалоли Фарангу бузургии Мағриб,*
*Бувад ҳосилу бозтоби маориф.*
*Агар инқилобе бибояд ватанро,*
*Бибояд ҳамин инқилоби маориф.*

Бахше аз шеърҳои Абдуллоҳи Раҳнаморо метавон «азоби виҷдон» номид. Ин масъала идомаи ҳамон равиши накди маърифатӣ аст, аммо дар он мушкил ва такопӯи як инсони рӯшанфикр ва дар айни замон масъулиятшиносро мебинем, ки бояд зимни баён ҳамзамон чанд паҳлуи суханро тааммул намояд.

Яъне ӯ гоҳе байни нафсу ақл, гоҳе байни ҳақиқату маслиҳат, гоҳе байни масъулияти фардиву ҷамъиятӣ, байни зарурати ҳифзи виҷдон ва зарурати ҳифзи суботи ҷомеа ва ғайра азоби рӯҳӣ мекашад. Зеро фақат худи гуфтан мақсуд нест, ин низ муҳим аст, ки сухан сӯзанда набошад, балки созанда бошад. Ин ҳолати камоли фикрии як рӯшанфикр аст, ки байни рисолати рӯшангарӣ ва рисолати ҷомеадорӣ бояд ҷамъ созад ва ҳар ду тараф ё ҳар чанд тарафи масъаларо ҳамзамон дар назар гирад.

Дар ниҳоят, чизи дигаре, ки бояд дар мавриди шеърҳои Абдуллоҳи Раҳнамо ба он ишора шавад, рӯҳ ва ҳисси баланди ватандорӣ мебошад. Шояд

мавзӯи ватан имрӯз барои хонанда бисёр ошно ва маъмул намояд, зеро тамоми шоирон ба таври табиӣ ба ин мавзӯъ рӯй меоранд. Вале сабабаи таъкиди мо ин аст, ки дар ашъори Раҳнамо ватангӯйиву ватандорӣ дар шакли шиорию тараннумӣ нест. Он дар шакли дарди ватандорӣ ва номуси баландии ватандорӣ зоҳир мешавад:

*Чун сарнавишти мардуми ман сахт талх буд,*
*Бигзаштам аз таронаи шӯхию дилбарӣ.*
*Бо хуни дил ба лавҳи мазорам навиштаам,*
*«Огоҳиву тафаккуру номусу боварӣ!»*

Аз тарафи дигар, ватандории Абдуллоҳи Раҳнамо дар ашъори тозаи ӯ дар шакли як муҳаббати самимона нисбат ба ҳар гӯшаи ин диёри зебо таҷаллӣ кардааст. Ин ҳолат хусусан, дар силсилаи шеърҳое, ки ӯ ҳамчун хотира аз гӯшаҳои гуногуни ватан сабт намудааст, хуб ҳувайдо мебошад. Масалан, дар шеърҳои «Хотираи Даштиҷум», «Хотираи Карон», «Хотираи Ҳисор», «Хотираи Бадахшон» ва ғайра метавон дид, ки чунин мавзӯи ҷиддиву расмӣ бо чунин самимият ва лутфи сухан баён шудааст.

Бояд эътироф кард, ки вақтҳои охир мо зери мавҷи шеърҳои шиории ватангӯйӣ ин гуна ашъори самимонаи ватандориро қариб гум карда будем. Ин аст, ки ин шеърҳои Абдуллоҳи Раҳнамо барои шеъри имрӯзаи мо як бозёфти некӯ мебошанд. Масалан, нигарем ба байтҳое аз «Хотираи Даштиҷум»:

*Устураҳо нуҳуфта дар айёми Даштиҷум,*
*Таърихҳо ниҳон шуда дар номи Даштиҷум.*
*Ҷовид дар хаёли фалак нақш бастааст,*
*Симои Ҷам дар оинаи ҷоми Даштиҷум…*
*Боди сабо мусаввири фасли шукуфтанаш,*
*Кабки дарӣ муаллифи пайғоми Даштиҷум…*

Ё вақте ӯ дар бораи осмоншаҳри бостонии Карон менависад, аз ин шеър самимияти поки як фарзанди огоҳи миллат дар баробари бозёфти як саҳифаи рӯшан аз таъриху тамаддуни худ саршор мегардад:

*Қадри ҳар санг чу фарҳанг гарон аст ин ҷо,*
*Чашми ҳар хишт чу модар нигарон аст ин ҷо,*
*Чӣ азиму чӣ қадиму чӣ ҷавон аст ин ҷо,*
*Ва қадамгоҳи баланди падарон аст ин ҷо,*
*Осмоншаҳри биҳиштии Карон аст ин ҷо.*

Ҳамин тавр, банда ҳаргиз пушаймон нестам, ки шеърҳои наву пешини Абдуллоҳи Раҳнаморо хондам ва чанд соат бо ҷаҳони сухану маъносозии ӯ ошно шудам. Хулосаи ман ин аст, ки ин оғози бисёр хуб аст. Гарчи Абдуллоҳи Раҳнамо бештар ҳамчун муҳаққиқи масоили иҷтимоӣ ва олими сиёсатшинос маъруф буда, ба таври касбӣ машғули шеър нест, аммо сатҳи шеъри ӯ камтар аз шоирони касбӣ намебошад. Агар шеъри ӯ ҷой-ҷойе камомади вазн ва ё қофия дошта бошад, худи баландии мазмун ва ғановати сухан онро бисёр мавзун ҷуброн менамояд.

Аз ин хотир, банда бо камоли самимият ба Абдуллоҳи Раҳнамо ин талошро табрик гуфта, бо дуои нек барояш роҳи сафеду комёбӣ орзу дорам.

**Муъмин Қаноат**
***05.02.2014***

# ИНТИХОБИ МАН ИН АСТ

## Интихоби ман ин аст

Медурахшам аз ваҳдат, офтоби ман ин аст,
Мешукуфам аз имон, инқилоби ман ин аст.

Дар муҳити бесомон, дар қаламрави тӯфон,
Мазҳари суботам ман, тарҳи ноби ман ин аст.

Рӯшаниву гармиро ҷавҳари сухан кардам,
Офтоб мехонам, шаҳкитоби ман ин аст.

Эй нигини зебойӣ, кишвари аҳуройӣ,
Як кафи пур аз хокат, интихоби ман ин аст!

Ҳикмату ману фарҳанг сахт решапайвандем,
Рӯзи маҳшари таърих сарҳисоби ман ин аст.

Ринду ошиқу сода, сарбаланду озода,
Ҳам гуноҳи ман ин аст, ҳам савоби ман ин аст.

Баъди марги ҷисмонӣ, аз сарои зулмонӣ,
Нахли маърифат рӯям, бозтоби ман ин аст.

## Риштаи ҷон, Тоҷикистон

Хирмани моҳи ҳарири бурҷи мизон,
Рӯшноии чароғи себи хубон,
Ҷоми шабнам дар шамими барги райҳон,
Нони гандум, шири модар, риштаи ҷон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон, Тоҷикистон!

Модари таъриху устоди тамаддун,
Бостонитар зи даври чархи гардун,
Пири Балхӣ, Пури Сино, ҷилди «Қонун»,
Килки Монӣ, Тахти Рустам, рӯҳи Сомон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон, Тоҷикистон!

Занги аввал, дарсҳои бурдборӣ,
Кӯҳҳо устоди фанни устуворӣ,
Мактаби ояндасози мулкдорӣ,
Нури Роғун, Қасри миллат, нақби Хатлон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон, Тоҷикистон!

Қиссаи ҷовид, номи ҷовидонӣ,
Як қаламрав ишқ, як кишвар ҷавонӣ,
Як хиёбон ханда, як олам амонӣ,
Ҷаннати имрӯзу фардои дурахшон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон, Тоҷикистон!

## Суруди Ватан

Ҷонам, ҷаҳонам, сириштам,
Андешаам, сарнавиштам.
Дар лавҳи поки вуҷудам,
Номи бузургат навиштам.

Рӯҳам, ғурурам, набардам,
Боғам, баҳорам, биҳиштам.
Хишти бинои баландат,
Бо хоку хунам сириштам.

Ишқам, умедам, сурурам,
Кешам, китобам, куништам.
Дар сарзамини вуҷудам,
Ҷуз ёди покат накиштам.

Номам, нишонам, нажодам,
«Шаҳнома»-ам, «Бундуҳишт»-ам.
Ғайри ту ҳар номи дигар,
Аз лавҳи ҷонам биҳиштам.

Тори ҳарири вафоят,
Бо тору пудам бириштам.
Эй модари меҳрборам,
Бахшой ҳар хубу зиштам…

## Роҳати ҷон аст тоҷик

Некрӯю некному некунвон аст тоҷик,
Хушдилу софу самимию сухандон аст тоҷик,
Як чаман себаргаву як пора имон аст тоҷик,
Нусхаи асли фазилатҳои инсон аст тоҷик,
Меҳрубону қадрдону роҳати ҷон аст тоҷик.

Хандаҳои кӯдакони пахтасебаш нур дорад,
Дар нигоҳи дилбарони дилфиребаш нур дорад,
Дар ҷабини мӯсафедони базебаш нур дорад,
Осмону офтобу моҳи тобон аст тоҷик,
Меҳрубону қадрдону роҳати ҷон аст тоҷик.

Аз табори растагору аз нажоди арҷманд аст,
Хиттаи нангаш бузургу марзи номусаш баланд аст,
Дар вуҷудаш кони панду дар забонаш кони қанд аст,
Ҳикмату андешаву фарҳангу ирфон аст тоҷик,
Меҳрубону қадрдону роҳати ҷон аст тоҷик.

Пораи ноне агар рӯйи замин бинад, бичинад,
Аз муҳаббат об гардад гар ғариберо бубинад,
Дар бари ҳамсояи бемор чун модар нишинад,
Беҳтарин тафсири маънии мусулмон аст тоҷик,
Меҳрубону қадрдону роҳати ҷон аст тоҷик.

**Суруди мутантани**
**«Солгарди истиқлол»**

Рӯз рӯзи истиқлол,
Шом шоми истиқлол,
Ҷашн ҷашни истиқлол,
Ҷом ҷоми истиқлол.

Марз марзи истиқлол,
Кӯҳ кӯҳи истиқлол,
Мулк мулки истиқлол,
Бо низоми истиқлол.

Барқ барқи истиқлол,
Нақб нақби истиқлол,
Шаҳр шаҳри истиқлол,
Ном номи истиқлол.

Хишт хишти истиқлол,
Қаср қасри истиқлол,
Бурҷ бурҷи истиқлол,
Бом боми истиқлол.

***

Базм базми истиқлол,
Назм назми истиқлол,
Сол соли истиқлол,
Солгарди истиқлол.

Насл насли истиқлол,
Асл асли истиқлол,
Миллате, ки пирӯз аст
Дар набарди истиқлол.

Ин диёри озодӣ
Ормони сад насл аст,
Рӯҳ рӯҳи истиқлол,
Дард дарди истиқлол.

Халқ мекунад таъзим
Рӯҳи родмардонаш,
Роҳ роҳи истиқлол,
Мард марди истиқлол!

***

Пир пири истиқлол,
Тифл тифли истиқлол,
Духт духти истиқлол,
Мом моми истиқлол.

Синф синфи истиқлол,
Дарс дарси истиқлол,
Бо паёми истиқлол,
Бо саломи истиқлол.

Мавҷ мавҷи истиқлол,
Рӯд рӯди истиқлол,
Шаҳд шаҳди истиқлол,
Ком коми истиқлол.

Ҳарф ҳарфи истиқлол,
Шеър шеъри истиқлол,
Ҳамсиришти истиқлол,
Ҳамароми истиқлол.

***

Рӯз рӯзи истиқлол,
Шом шоми истиқлол,
Ҷашн ҷашни истиқлол,
Ҷом ҷоми истиқлол.

Марз марзи истиқлол,
Кӯҳ кӯҳи истиқлол,
Мулк мулки истиқлол,
Бо низоми истиқлол.

Барқ барқи истиқлол,
Нақб нақби истиқлол,
Шаҳр шаҳри истиқлол,
Ном номи истиқлол.

Хишт хишти истиқлол,
Қаср қасри истиқлол,
Бурҷ бурҷи истиқлол,
Бом боми истиқлол.

## Ватан шавем
## (суруд)

Зи узв-узви нотавон биё, ки ҷону тан шавем,
Зи доғ-доғи лолаҳо биё, ки як чаман шавем,
Зи фард-фарди хастаҷон биё, ки анҷуман шавем,
Дар ин ҷаҳони бесутун сутуни хештан шавем.
Ва сарбаландии нави тамаддуни куҳан шавем,
Биё, биё, Ватан шавем, биё, биё, Ватан шавем.

Дубора чашмаи сафо, дубора водии вафо,
Дубора соҳиби замин, дубора соҳиби фазо,
Дубора қалби Осиё, дубора фахри Ориё,
Дубора Шайхи Бӯалӣ, дубора дафтари «Шифо»,
Дубора рӯшанӣ шавем, дубора илму фан шавем,
Биё, биё, Ватан шавем, биё, биё, Ватан шавем.

Умеди ҳамдигар шавем, ба дасти ҳам асо шавем,
Паноҳи ҳамдигар шавем, ба дарди ҳам даво шавем,
Барои ҳам сипар шавем, барои ҳам ба по шавем,
Биё барои ҳамдигар ҳабибу ошно шавем,
Барои ҳам забон шавем, барои ҳам сухан шавем,
Биё, биё, Ватан шавем, биё, биё, Ватан шавем.

Биё, ки шоҳкорҳо ба корзор офарем,
Зи ҳар як ибтикори худ як ифтихор офарем,
Зи ғунчаҳои бахти худ биё, баҳор офарем,
Зи ахатри нигоҳи худ ситоразор офарем,
Ба ишқи кӯҳсори худ биё, ки Кӯҳкан шавем,
Биё, биё, Ватан шавем, биё, биё, Ватан шавем.

## Вафо кардам

Саҳар чу дафтари маънии ноб во кардам,
Туро зи сабзтарин ёдҳо садо кардам.

Чу тарҳи рӯйи ту дар дидаам намоён шуд,
Ман имшаб аз пари мижгон задан ҳаё кардам.

Зи оби гавҳари имону ақли пуртадбир,
Дар обгинаи тавҳид кимиё кардам.

Миёни дину сиёсат чӣ фитнаҳо мерафт,
Ман ин ду тоифаро бо ҳам ошно кардам.

Ба нури чашму фишори дилу шаби бедор,
Никоҳи қудрату андешаро раво кардам.

Агарчи миллату дину ватан тиҷорат шуд,
Ба миллату ватану дини худ вафо кардам.

Ба кори даҳр дигар доварӣ намехоҳам,
Ки ман ҳаволаи ин кор бар шумо кардам.

Ба нардбони малак по ниҳодаам имшаб,
Чӣ зишт буд ҷаҳоне, ки ман раҳо кардам…

## Қаламрави баланд

Баски мавҷ мезанад ишқ аз вуҷуди ман,
Ғарқи лола мешавад рӯзи ёдбуди ман.

З-он, ки ҳар калимаам сабз буду зинда буд,
Гарм, гарм медамад, хуни ман – суруди ман!

Эй қаламрави баланд, эй табори арҷманд,
Аз хамири поки туст аслу тору пуди ман.

Қиссаи ту ҷовидон, киштаи ту бехазон,
Қавми хушниҳоди ман, марзи хушнамуди ман.

Ҳар саҳар зи ховарат офтоб мешавам,
То напечадат ба шаб душмани ҳасуди ман.

Дашти ташнаи туро обшор мекунад,
Рӯдҳои ашки ман, ашкҳои рӯди ман…

Дар гулуи рӯзгор боз танг мешавад,
Ҳалқаҳои зулфи ту, ҳалқаҳои дуди ман.

Як саҳифа роз буд, як дарича осмон,
Қудрати сукути ман, хилвати суҷуди ман…

## Ҷойгоҳи Ватан

Қасам ба ишқи бузурге, ки нест поёнаш,
Қасам ба гардиши тақдири гирдгардонаш.

Қасам ба оби зулолаш, ки ройгон ҷорист,
Қасам ба вусъати таъриху кӯҳи имонаш.

Қасам ба лолаи дашташ, ки сурх мерӯяд,
Ба ранги хуни раги гардани ниёгонаш.

Қасам ба азми баҳоре, ки баъди ҳар куштан,
Қиём мекунад аз синаи зимистонаш.

Қасам ба ҷилди китобе, ки дар Бухоро сӯхт,
Қасам ба дастхати чармпӯши девонаш.

Қасам ба ҳурмати чӯби сафеди гаҳвора,
Қасам ба модари маъсуми покдомонаш.

Қасам ба бораи санге, ки Қасри миллат шуд,
Қасам ба мавҷи хати парчами парафшонаш.

Қасам ба ҳиммати марди бузурги ҷонбаркаф,
Ки ҷамъ кард ба тадбир халқи сарсонаш…

**Муқаддас аст замине, ки модари таърих,**
**Ба шир ном ниҳодаст Тоҷикистонаш!**

## Ҷойгоҳи давлат

Ҳамчун ҳабиби давлат, ҳамчун сипоҳи давлат,
Қарзе азим дорам, дар пешгоҳи давлат.

Асрори мулкдорӣ «тафсири ин ду ҳарф аст»[1],
Давлат паноҳи мардум, мардум паноҳи давлат.

Давлат ҳаминману ту, ин марзу ин диёр аст,
Ҳар санг лаъл бошад андар нигоҳи давлат.

Ҳар фард як ҷаҳон аст, як узви хонадон аст,
Гар бингарӣ ба мардум аз дидгоҳи давлат.

Бе пойгоҳи давлат миллат бақо надорад,
Таърих худ гувоҳ аст аз ҷойгоҳи давлат.

Болотар аз раёсат, болотар аз сиёсат,
Болотар аз ҳукумат бошад салоҳи давлат.

Як тора шамъ гаштам, як пора рӯшноӣ,
То ҳеҷ гаҳ набинам рӯзи сиёҳи давлат.

[1] Ним мисраъ аз Ҳофизи Шерозӣ

## Шукрона

Вақти сухан дошт бобои ман,
«Шукрона» ҷойи забон дар даҳан.

Ҳар неку ҳар бад, ки ояд ба сар,
«Шукрона» буд бар забони падар.

Ё аз сари бандагӣ модарам,
Шукрона номида буд хоҳарам.

Пироҳани сурху сабзу кабуд,
Дар деҳа як деҳа Шукрона буд…

Шукрона як амри маҷбур нест,
Муҳточи фармону дастур нест.

Шукрона як рукни имони мост,
Фарҳанги халқи мусулмони мост.

Гирам ду-се фарди дигарманиш,
Шукронаро мекунад сарзаниш.

Ё чанд навҷӯйи ислоҳхоҳ,
Шукронаро таън басту мазоҳ.

Оё ба таблиғу талқини ӯ,
Бояд битобам зи шукрона рӯ?

Гирам намояндаи як ниҳод,
Олуда бошад ба фисқу фасод.

Ё ин, ки як нозири назми роҳ,
Дар кори худ мекунад иштибоҳ.

Оё зи баҳри Ватан бигзарем?!
Номи Ватанро ба зиштӣ барем?!

Бо дидани як-ду-се носазо,
Бояд Ватанро намоям раҳо?!...

Ба рағми танзиму таблиғи суст,
Шукрона асли бузургу накуст.

Он даъвати ноби он пири кор,
Дарсест аз мактаби рӯзгор.

Шукрона аз ҳикмати дин бувад,
Неруи танзими ботин бувад.

Шукрона аз ҳирс бахшад наҷот,
Аз чанги ин хирс бахшад наҷот.

З-ин рӯ ман аз решаву мағзи ҷон,
Шукрона дорам ба вирди забон.

Шукронаи Кирдгори азим,
Султони умеду султони бим.

Яктову зебову фарёдрас,
Пайдогари шамъу себу нафас.

Шукронаи обу хоки Ватан,
Шукронаи номи поки Ватан.

Шукронаи даштҳои баланд,
Шукронаи мардуми арҷманд.

Шукронаи набзи гарми ҳаёт,
Шукронаи бозгашти субот.

Шукронаи ваҳдати пойдор,
Шукронаи давлати устувор.

Шукронаи парчаму тоҷу тахт,
Шукронаи ҷаннати пойтахт.

Шукронаи обҳои равон,
Шукронаи наслҳои ҷавон.

Шукронаи кишвари орзу,
Шукронаи халқи шукронагӯ…

Шукрона як амри маҷбур нест,
Муҳтоҷи фармону дастур нест.

Шукрона таълими дини ман аст,
Таълими дини мубини ман аст...

## Эъломияи инқилоб

Гар ба бонги бомдодӣ рахт барбандӣ зи хоб,
Гар расӣ то коргоҳат гарм ҳамчун офтоб,
Гар ту дорӣ фикри нобу тарҳи нобу ҳарфи ноб,
Гар туро пок аст хону хонаву молу ҳисоб,
Гар диҳӣ дар қитъаи худ пеши виҷдонат ҷавоб,
Пас ҳамин аст инқилоб!

Гар шиносӣ қадри вақту пос дорӣ аҳди ёр,
Гар ба касби худ расӣ то зинаҳои ифтихор,
Гар набахшию нагирӣ ришва дар иҷрои кор,
Гар ба илму фан намонӣ аз замони худ канор,
Дар бари фарзанд як соат нишинӣ бо китоб,
Пас ҳамин аст инқилоб!

Наҳзати мо гар бувад як наҳзати созандагӣ,
Мазҳаби мо гар бувад парҳез аз паркандагӣ,
Фитрати мо гар бувад инкори фақру бандагӣ,
Бартар аз қавму маҳал, дар сатҳи миллат зиндагӣ,
Гар ба ҷойи тан кунӣ фикри Ватанро интихоб,
Пас ҳамин аст инқилоб!

Достони «Кӯдаке мегашт бо қуттии худ»
Рӯзи сахтӣ сарнавишти кӯдаки тоҷик шуд,
Ормони насли истиқлол ҳаргиз ин набуд,
Гар тафаккур бандагӣ бошад аз озодӣ чӣ суд?
Гар ба сӯйи худшиносӣ рӯ намояд шайху шоб,
Пас ҳамин аст инқилоб!

Гар бишӯрӣ дар хиёбону бисӯзӣ сар ба сар,
То нишинад ҷойи чанди дигаре чанде дигар,
Боз кишвар ғарқи хуну боз миллат дар ба дар…
Инқилоби ҷоҳилон ҳаргиз намеорад самар,
Гар раҳо ёбӣ зи банди ин гумону ин сароб,
Пас ҳамин аст инқилоб!

«Инқилоби Миср» ҷабру зулмро якбора кард,
«Инқилоби Шом» ними халқро овора кард,
«Инқилоби нарм»-и Гурҷистон ватанро пора кард,
«Инқилоби Украина» мулкро бечора кард,
Тоҷикистон гар амон монад аз ин мавҷи хароб,
Пас ҳамин аст инқилоб!

Инқилоби ҳар яки мо ростии кори мост,
Рӯшании фикри мову дидаи бедори мост,
Дасти поку қалби поку лафзи беозори мост,
Инқилоби ҳар яки мо нанги мову ори мост,
Ҳар яки мо гар ба кори хеш гардад комёб,
Пас ҳамин аст инқилоб!

## Чоҳ набояд канам…

Ман, ки дар иқлими шаб як шафақи рӯшанам,
Тӯшаи роҳе бибар аз таби нурафганам.

Баски зи файзи саҳар ғарқи ҳузури туям,
Даст набардоштам гоҳи дуо карданам.

Қиссаи ман бо Ватан бофтаи зинда буд,
Аз нахи гарми вуҷуд тори вафо метанам.

Қасди ман аз зиндагӣ фалсафаи рӯшан аст:
Дом набояд ниҳам, чоҳ набояд канам.

Бо ҳама тобандагӣ гар нашиносам туро,
Ҳайф зи ҳангомаам, вой ба фазлу фанам.

Ҷисми қадими маро нест рагу устухон,
Риштаи шамъе наҳиф монда ба пироҳанам.

Ҷони гиромӣ ба каф сӯйи ту пар мекашам,
Марг набояд шумурд соати пайвастанам...

## **Айнӣ ва давлат: *соли 1929***

Бо рӯҳи пурифтихор давлат гуфтам,
Дар хилвату ошкор давлат гуфтам,
Гарчанд ҳазор бор дидам ҷабраш,
Ман боз ҳазор бор давлат гуфтам.

Ман ҷилди шиносномаро мебӯсам,
Ҳар сафҳаи «Шоҳнома»-ро мебӯсам,
Чун бинвисам калимаи «давлат»-ро,
Аз шиддати меҳр хомаро мебӯсам.

Ҳарчанд, ки хайрхоҳи давлат будам,
Ҳарчанд чароғи роҳи давлат будам,
Аз рӯйи сиёҳи чанд мансабдоре,
Дар «рӯйхати сиёҳ»-и давлат будам.

Некахтару некфол давлат дорам,
Пуршавкату пурҷалол давлат дорам,
Армони ҳазорсолаам ҳосил шуд,
Ман баъди ҳазор сол давлат дорам.

2002

## Зиёӣ

Фақат вафо, фақат сафо, фақат савоб гуфтаам,
Фақат паёми рӯшаниву офтоб гуфтаам.

Фақат булури обҳо, фақат таровати ҳаё,
Фақат дилу фақат гулу фақат гулоб гуфтаам.

На банди обу донае, на сангу хишту хонае,
Фақат қалам, фақат сухан, фақат китоб гуфтаам.

Фақат ватан, фақат ватан танида дар шуури ман,
Ғурури ҳафт пушти худ ба тарҳи ноб гуфтаам.

Фақат зи нури огаҳӣ, ки аз рукуд вораҳӣ,
Зи рӯйиши саҳаргаҳӣ, зи тарки хоб гуфтаам.

На фитнаву на сӯхтан набуд дар ҳадиси ман,
Таҷаддуди вуҷудро ман инқилоб гуфтаам.

Фақат ҷавон, фақат равон, фақат ба расми ростон,
Ҳақиқати нуҳуфтаро чӣ бениқоб гуфтаам.

Калимаҳои сабзро, ҷунуни гарми набзро,
Бо сабки ҷӯйборҳо, ба вазни об гуфтаам.

Биё, ба маҳфили зиё, биё, ба базми Раҳнамо,
Фақат вафо, фақат сафо, фақат савоб гуфтаам…

**Андешаи созандагӣ**

Зебандаи зебандагӣ,
Арзандаи арзандагӣ,
Инкори фақру бандагӣ,
Эй зиндадори зиндагӣ -
Андешаи созандагӣ.
Андешаи созандагӣ.

Оҳанги нав, симои нав,
Ҳастии нав, маънои нав,
Имрӯзи нав, фардои нав,
Фарҷоми ин паркандагӣ -
Андешаи созандагӣ.
Андешаи созандагӣ.

Армони ту, армони ман,
Чун насли инсон зистан,
Аз баҳри таҷдиди ватан,
Бо тори ҷон бофандагӣ -
Андешаи созандагӣ.
Андешаи созандагӣ…

Болотар аз ҳарфу ҳадаф,
Болотар аз ҳизбу тараф,
Тарҳи ҳаё, тарҳи шараф,
Ворастан аз шармандагӣ -
Андешаи созандагӣ.
Андешаи созандагӣ.

## Инқилоби маориф

Азим аст тӯфони рӯҳи маориф,
Шукӯҳи Ватан дар шукӯҳи маориф.
На узву на ҷузву на ҳизбу гурӯҳам,
Маро сабт кун дар гурӯҳи маориф.
Чароғон шавад кӯҳсорони тоҷик,
Агар фатҳ созем кӯҳи маориф.
Маро бас бувад ин мақоми муборак,
Ки монам чу донишпажӯҳи маориф.

***

На ман кардаам иддаои маориф,
Ки таърих донад баҳои маориф!
Ниҳон аст иксири бемунтаҳоӣ,
Ба ҳастии бемунтаҳои маориф.
Малак рашк дорад ба фарзанди Одам,
Барои саводу барои маориф.
Худованд ҳам бо тамоми шукӯҳаш,
Бихондаст худро Худои маориф.

***

Нашояд на марду на зан бе маориф,
Ки натвон дигар зистан бе маориф.
Агар худ нигини ҷаҳон аст миллат,
Шавад ғофил аз хештан бе маориф.
Бузургии мо ҷойгоҳе надорад,
Ба асри ҷаҳонишудан, бе маориф.
Дар ин гирдбоди бузурги ҷаҳонӣ,
Муҳол аст ҳифзи Ватан бе маориф!

***

Низоми ҳаёт аз низоми маориф,
Мақоми милал аз мақоми маориф.
Ҳамин аст киштии Нӯҳи паямбар,
Ки таъбир шуд аз мароми маориф.
Агар нек бинӣ рамузи суханро,
Бувад Ҷоми Ҷам низ ҷоми маориф.
Наёбем мо эътибори ҷаҳонӣ,
Магар аз раҳи эҳтироми маориф.

***

Чӣ дарди наҷиб аст дарди маориф,
Ҷаҳон ҳосили коркарди маориф.
Ба пешат гузорем зонуи хидмат,
Муаллим, аё родмарди маориф!
Ҳама роҳ бояд равад сӯйи мактаб,
Ва ҳар роҳрав раҳнаварди маориф.
Набарди ҳаёту набарди наҷот аст,
Ба майдони ҳастӣ набарди маориф.

***

Агар бардамад офтоби маориф,
Ту бинӣ шукӯҳи ҷаноби маориф.
Зи сад НОБ-и барқиву сад садди обӣ,
Бузург аст неруи ноби маориф.
Ҷалоли Фарангу бузургии Мағриб,
Бувад ҳосилу бозтоби маориф.
Агар инқилобе бибояд Ватанро,
Бибояд ҳамин инқилоби маориф!

## Ватанро мафурӯш

Гузарад соати душвор, Ватанро мафурӯш,
Ғами имрӯз шавад пор, Ватанро мафурӯш.

Ҳафт пушти ту мабодо, ки хиҷолат монад,
Ҳафт пушти ту мададгор, Ватанро мафурӯш.

Хати марзи Ватан имрӯз хати номус аст,
Эй баномус ватандор, Ватанро мафурӯш.

Сари болои ту Албурзи баланди нанг аст,
Ба дами теғу сари дор Ватанро мафурӯш.

Ғарб то Шарқ ҳама манфиати худ ҷӯяд,
Ба фиреби ду ҷаҳонхор Ватанро мафурӯш.

Нест шайхи Арабу пири Аҷам маҳрами ту,
На ба турку на ба тотор Ватанро мафурӯш.

Сухани қудсии «Ҳубби Ватан аз имон аст»,
Шунав аз Сарвари солор, Ватанро мафурӯш.

Шармсории хиёнат ба абад мемонад,
Марг бар ҷон хару зинҳор Ватанро мафурӯш.

Гузарад соати душвор, Ватанро мафурӯш…

## Пешвои нур

Пешвое, ки гавҳараш нур аст,
Суханаш нуру минбараш нур аст.

Қадамаш хуррамию ободӣ,
Ватанаш нуру кишвараш нур аст.

Худи ӯ иқтидори Роғун шуд,
Ки вуҷуди тавонгараш нур аст.

Ба шаби тира дастболо гашт,
Офтобе, ки лашкараш нур аст.

Ба ҷаҳон дарси рӯшноӣ дод,
Родмарде, ки бовараш нур аст.

Сабақи нур мекунад азбар,
Тифли нуре, ки дафтараш нур аст.

Ориё зинда мешвад аз ӯ,
Ориёе, ки мазҳараш нур аст.

Малаки осмон нигаҳбон бод,
Ватанеро, ки сарвараш нур аст.

## Видоъ бо Восеъ

Дар хаёлам чеҳраи зебои туст,
Гармии гандумии симои туст.

Чашмҳоям ғарқ дар тасвири ту,
Гӯшҳоям гарм аз овои туст.

Дар муҳити марги мардиву ғурур,
Ку ҷавонмарде, ки ӯ ҳамтои туст?!

Охирин бонги ватандорӣ туйӣ,
Гарчи занҷири Ватан дар пойи туст.

Эй паёми рӯшани ворастагӣ,
Аҳли сурат ғофил аз маънои туст.

Гарчи миллат гуфтаву бандӣ шудӣ,
Ними миллатро куҷо парвои туст!

Ҳазрати Борӣ нигаҳдори ту бод,
Фахри мардон аз сари болои туст.

Охирин номус дар пешонаат,
Охирин Суҳроб дар симои туст.

2005

## Сабақи Украина

Борони ашк бошад борони Украина,
Буҳрони аср бошад, буҳрони Украина.

Назми нави ҷаҳонӣ, ҷанги нави равонӣ,
Таърихро рақам зад тӯфони Украина.

Мулке, ки аз табассум гул мефурӯхт мардум,
Виҷдони Шӯравӣ буд виҷдони Украина.

Ҳар фард пос дорад шири сафеди меҳраш,
Ҳар мард ёд дорад хубони Украина.

Як халқ ҳамдигарро инак, асир гирад,
Пур шуд аз украинӣ зиндони Украина.

Мазлуму хор давлат, як мулку чор давлат,
Ҳар ҳизбу ҳар қумандон султони Украина.

Ку қудрати  атомӣ, ку он диёри номӣ?
Акнун ба дасти ғайр аст фармони Украина.

Дигар аз ӯ напурсанд тақдири сулҳу ҷангаш,
Русу Фаранг бандад паймони Украина.

Гум гашт қутбу мизон дар ҳою ҳӯи Майдон,
Майдони қутбҳо шуд «Майдон»-и Украина.

Эй ҳайфи ҳамтаборӣ, эй ҳайфи ҳамҷаворӣ,
Бо танк шуд таҷовуз кардони[1] Украина.

Эй тоҷики ватандор, бикшой чашми бедор,
Дарсе азим дорад девони  Украина.

Дар маҳшари сиёсат, дар каш-каши раёсат,
Дидӣ, ки чун шикастанд аркони Украина.

Ваҳдат шуд интихобам дар рӯзи интихобот,
То меҳанам нагардад ҳамсони Украина.

[1] Кардон – марз, сарҳад (ба забони украинӣ)

Бар ошно нависам пайғоми ошноӣ,
Зеро тамаъ надорам аз дев порсоӣ.

Риндию растагорӣ бо хуни дил харидам,
Бо теғ ҳамнишин аст андешаи раҳоӣ.

Эй сарзамини ҳастӣ, ҳастам аз он, ки ҳастӣ,
Қадрат расида будам рӯзи ватангадоӣ.

Сад бор гуфта будам таркат кунам, валекин
Дар ҷавҳарам надорам хуни гурезпойӣ.

Гуфтӣ, ки адл бошад бунёди офариниш,
Рӯзи ҷафои золим, эй осмон, куҷойӣ?!

Худро ба рӯйи роҳат ҳамчун гиёҳ киштам,
Эй нозанини рафта шояд ки боз ойӣ...

Бар пайкарат навиштам, эй Мейҳани шикаста,
Ашъори иҷтимоӣ, афкори мумиёӣ.

## Суруди «Достони истиқлол»

Достони рангин аст достони истиқлол,
Чун набишта бо хунаш қаҳрамони истиқлол.

Мерасад ба гардунҳо аз расонаи миллат,
Бо забони тоҷикӣ, бо забони истиқлол.

Шонаҳои мо бошад такягоҳи сангинаш,
Хонаҳои мо бошад, хонадони истиқлол.

Шукри оби беминнат, шукри нони беминнат,
Шукри оби истиқлол, шукри нони истиқлол.

Рӯи тахтаи мактаб дарси сулҳ мехонанд,
Кӯдакони хушбахтӣ, ахтарони истиқлол.

Дар замини аҷдодӣ, дар қаламрави шодӣ,
Сабз шав, ҷавонӣ кун, эй ҷавони истиқлол!

Оби ин қаламрав шуд, як навори озодӣ,
Хоки ин қаламрав шуд, парниёни истиқлол.

Соҳиби ватан гаштем дар паноҳи иқболаш,
Соҳиби замон гаштем дар замони истқлол.

Насли тозаи миллат ҳар яке ватандор аст,
Ҷоннисори истиқлол, ҷонфишони истиқлол.

То абад чароғон бод, то абад дурахшон бод,
Ин диёри озодӣ, армуғони истиқлол.

## Китоб

Асрори анҷуманро андар китоб ёбӣ,
Тафсири хештанро андар китоб ёбӣ.

Ҳастии халқу холиқ, чун аст дар ҳақоиқ,
Ин ҳикмати куҳанро андар китоб ёбӣ.

Андар сухан ниҳон шуд, рози ҷаҳону инсон,
Сарриштаи суханро андар китоб ёбӣ.

Сад роҳи баста дорад водии зиндагонӣ,
Роҳи раҳо шуданро андар китоб ёбӣ.

Ваҳдат наметавон сохт бо қавми бетафаккур,
Тадбири сохтанро андар китоб ёбӣ.

Ҳам хидмати бародар, ҳам ҷойгоҳи модар,
Ҳам маънии Ватанро андар китоб ёбӣ.

Гуфто Паямбари нур аз рӯйи минбари нур,
Асли тариқи манро андар китоб ёбӣ.

## Суруди «Литсейи Раҳнамо»

Бо гавҳари хирад, бар меҳвари хирад,
Дар сарзамини нур, дар кишвари хирад.
Ҳампояи замон, чун рӯдҳо равон,
Аз кӯчаи диёр, то саҳнаи ҷаҳон.
«Литсейи Раҳнамо», эй сояи Ҳумо,
«Литсейи Раҳнамо», уммеди насли мо.

Андарзи Рӯдакӣ, оҳанги Борбад,
Дар ибтидо азал, дар интиҳо абад.
«Шаҳнома»-и азим, маънии «Маснавӣ»,
Ангезаи баланд, андешаи қавӣ.
«Литсейи Раҳнамо», эй сояи Ҳумо,
«Литсейи Раҳнамо», уммеди насли мо.

Ҳастии мо адаб, фарҳанги мо салом,
Водии маърифат, водии эҳтиром.
Эй фитрати худӣ, эй қудрати сухан,
Эй лаззати амал, эй маънии ватан.
«Литсейи Раҳнамо», эй сояи Ҳумо,
«Литсейи Раҳнамо», уммеди насли мо.

Бикшодаӣ ба мо, эй шаҳри ошно,
Як сина офтоб, як осмон сафо.
Бо миллати куҳан, бо давлати ҷавон,
Ҷовид сарбаланд, ҷовид ҷовидон.
«Литсейи Раҳнамо», эй сояи Ҳумо,
«Литсейи Раҳнамо», уммеди насли мо.

## Таронаи марзбон

Чун бод тезрав, чун барқ тезкор,
Чун санг пойбанд, чун кӯҳ пойдор.
Бо тору пуди ҷон, бо тору пуди тан,
Пайванд мешавад бо пайкари Ватан.

Аз тангаи Вахон, то Бешаи паланг,
Аз Регари Ҳисор, то марзи Исфаранг,
Дар имтидоди шаб бедор марзбон,
Дар сангари Ватан ҳушёр марзбон…

Аз Модари Ватан бар сангарат салом,
Аз сангари Ватан бар Модарат салом!

Таърихи мулки мо андарзнома аст,
Ҳар зарра хоки мо як марзнома аст.
Ҳар нахл як шаҳид, ҳар санг як мазор,
Ҳар насл як набард, ҳар дашт корзор.

Ҳафтод пушти мо дар марз шуд ҳалок,
Ӯ хок хӯрда буд, аммо надод хок.
Ҳаргиз ба зиндагӣ сангар набохтем,
То сар набохтем, кишвар набохтем...

Аз кишвари азим бар сангарат салом,
Аз сангари азим бар кишварат салом.

Тифлони ин Ватан чун аввалин сухан,
Бо шир хӯрдаанд ин ҳикмати куҳан:
«То ман калон шавам, то қаҳрамон шавам,
То бар диёри худ, ман посбон шавам!»[1]

Як мулки нозанин андар паноҳи ту,
Як миллати азим узви сипоҳи ту.
Андар паноҳи ту ин хандаи лабаш,
Андар паноҳи ту тифлони мактабаш.

Аз Раҳбари бузург бар сангарат салом,
Аз сангари бузург бар Раҳбарат салом!

---

[1] Мазмун аз устод Мирсаид Миршакар

## Паём муборак

Шукӯҳу манзалату шаъну эҳтиром муборак,
Намоди тантанаи давлату низом муборак,
Набарду ҳиммату пирӯзии мудом муборак,
Бузургии назару вусъати калом муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

Забону миллату таъриху нангу ном муборак,
Зуҳури тозаи фарҳангу фарру ҷом муборак,
Давоми дигари ин роҳи бардавом муборак,
Ва шаҳди неъмати худмеҳварӣ ба ком муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

Қиёми лолаи парчам ба авҷи бом муборак,
Нишони зарҳали ин тоқи нуқрафом муборак,
Суботу ваҳдату осудагии ом муборак,
Сапедаи саҳару рӯшании шом муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

# ИН ВАТАНРО
# НИГАР БА ЧАШМИ
# ХИРАД...

Ин ватанро «нигар ба чашми хирад»,
Ҷавҳари он басе бузургтар аст.
Аз фиреби харита бояд раст,
Тоҷикистон басе бузургтар аст!

## Дар водии Вахон

Шаб ришта-ришта аст дар водии Вахон,
Одам фаришта аст дар водии Вахон.
Наврӯзи ҳафтранг дар лобалои санг,
Фирдавс киштааст дар водии Вахон.

Ҳар шеваи  сухан, чашму лабу даҳан,
Аз гул сириштааст дар водии Вахон.
Номуси марду зан дар қалъаи куҳан,
Бо хун набиштааст дар водии Вахон.

Дар нури моҳтоб, дар мавҷпӯши об,
Шаб ришта-ришта аст дар водии Вахон.
Бо рӯҳи содааш, рӯйи кушодааш,
Одам фариштааст дар водии Вахон…

## Мақоми Вахё

Дубора аз алиф оғоз кардам ман алифборо,
Варақгардон намудам чордаҳ ҷилди Авасторо,
Пайи таъбир кардам вирд оёти муҷаллоро,
Ривоятҳои Мӯсорову таърихи Масеҳоро,
Ки дарёбам ва бинвисам мақоми мулки Вахёро.

Гаҳе ҷустам зи махзанҳои дерини Хуросонаш,
Гаҳе аз вожаномакҳои Суғду аҳди Сосонаш,
Гаҳе аз лобалои дафтари ховаршиносонаш,
Гаҳе зону задам дар маҳзари пирону хосонаш,
Ки шояд дар кушояд мушкили маънии осонаш.

Шукуфтам бо шукуфтанҳои мавзуни гули хораш,
Фишурдам аз муҳаббат панҷаи сабзи сафедораш,
Гиёҳи маърифат мехӯрд нахчири фидокораш...
Сухан меларзад аз ҳайбат, ки то бошад сазовораш,
Ки гӯям достони Сангвору рӯҳи бедораш.

Замини ҳикмату таъриху асрори ниҳон ин ҷост,
Ки ҳар санге саре аз як шаҳиду қаҳрамон ин ҷост,
Ниҳоди қуллаи Исмоили Сомониён ин ҷост,
Сароғози тулӯи офтоби ховарон ин ҷост,
Ба эъҷозе, ки пиндорӣ, ки оғози ҷаҳон ин ҷост.

Дар ин ҷо аз булури дастҳо файзи саҳар хезад,
Дар ин ҷо аз қиёми лолаҳо мавҷи шарар хезад,
Дар ин ҷо бо гули ҳар бом фарҳангу ҳунар хезад,
Дар ин ҷо қад-қади рӯди равон аз рег зар хезад,
Зи ҳар як шона номуси Ватан хезад, зафар хезад.

Дар он ҷо, рӯйи айвони баланди гунбади гардун,
Фарози саргаҳи Хингобу лозури зумуррадгун,
Нишеман карда марде аз ҳаёҳӯи хирад берун,
Ки рӯҳаш обро бо рӯшноӣ мекунад афсун,
Ва рӯҳаш мешавад Норак, ва рӯҳаш мешавад Роғун...

Бале, Вахё чунин як интихоби хоси Яздон аст,
Бале, Вахё чунин як сарзамини родмардон аст,
Ки ҳар бурҷи баландаш меҳвари гардуни гардон аст,
Биҳишти аввали Одам, мадори рӯҳи Инсон аст,
Ки Вахё модари Вахшуру моми Тоҷикистон аст!

## Таронаи Бадахшон

Нурест дар ҷабини Бадахшон,
Файзест дар замини Бадахшон.
Оби равону сеҳри мубин аст,
Гуфтори шаккарини Бадахшон.

Шаҳри баланди отифаҳоӣ,
Ҳам дар замину ҳам ба самоӣ,
Як пора аз биҳишти Худоӣ,
Хоруғ, эй нигини Бадахшон.

Дашти Басиду водии Бартанг,
Чангу дафу таронаву оҳанг,
Ҳар хонавода – хонаи фарҳанг,
Рӯшони нозанини Бадахшон.

Эй модари шаҳомати Помир,
Хоки ҳакиму равзаи шоир,
Шуғнонзамини Чашмаи Носир –
Мавлои покдини Бадахшон.

Ишкошим, эй даричаи гардун,
Моми забону марзи тамаддун,
Оби шифою ганҷи ҳумоюн,
Девори лаълчини Бадахшон.

Эй Рошткалъа, қалъаи ҷовид,
Айвони моҳу хонаи хуршед,
Нахли баланду меваи тавҳид,
Себе дар остини Бадахшон.

Мурғоб, эй қаламрави ҷоду,
Оғози Панҷу модари Ому,
Бурҷи уқобу хонаи оҳу,
Эй чашми тезбини Бадахшон.

Некусириршту моҳҷабинӣ,
Ҳаргиз хазони умр набинӣ,
Эй Ванҷ, эй биҳишти заминӣ,
Меҳроби мармарини Бадахшон.

Дарвоз, эй тароватѝ оғоз,
Дарвоз, эй ниҳояти парвоз,
Дарвоз, эй қаламрави эъҷоз,
Эъҷози аввалини Бадахшон.

Қадде, ки ҳеҷ гаҳ нашавад хам,
Қадре, ки ҳеҷ гаҳ нашавад кам,
Биншаста панҷ қудрати олам,
Чун дев дар камини Бадахшон…

Нурест дар ҷабини Бадахшон,
Файзест дар замини Бадахшон.
Оби равону сеҳри мубин аст,
Гуфтори шаккарини Бадахшон...

## Хотираи Даштиҷум

Таърихҳо нуҳуфта дар айёми Даштиҷум,
Устураҳо ниҳон шуда дар номи Даштиҷум.

Ҷовид дар хаёли фалак нақш бастааст,
Тасвири Ҷам дар оинаи ҷоми Даштиҷум.

Хушному хушкалому хушандому хушнаво,
Хушгавҳар аст мардуми хушкоми Даштиҷум.

Боди сабо мусаввири фасли шукуфтанаш,
Кабки дарӣ муаллифи пайғоми Даштиҷум.

Як равза аз биҳишти заминии Кирдгор,
Гулпӯш бод дашту дару боми Даштиҷум.

«Бошад, ки марди пир бад-он гаҳ шавад ҷавон»,[1]
Андар канори рӯди дилороми Даштиҷум.

Сад лолазор сар ба тамошо кашидааст,
Гулгашти гулрухони гуландоми Даштиҷум.

Лабрез аз муҳаббату саршор аз сипос,
Гуфтем ин тарона ба илҳоми Даштиҷум.

---

[1] Мисраъ аз Рӯдакӣ

## Оинаи Раштонзамин

Сарбаландӣ суннати деринаи Раштонзамин,
Осмон рафтан тавон бо зинаи Раштонзамин.

Порсоӣ рӯйи одамро мунаввар мекунад,
Дидаам ин роз дар оинаи Раштонзамин.

Дил агар бишкаст, ҳаргиз барнахезад аз бараш,
Сеҳр дорад мардуми бекинаи Раштонзамин.

Аз бузургии муҳаббат Оби хингу Оби сурх,
Мешавад пайванд андар синаи Раштонзамин.

Ҳар қадам ҷойи қадамгоҳи бузургони Худо,
Ҳафт водии сафо пешинаи Раштонзамин.

Аз ҳузури мӯсафедон нурборон мешавад,
Ҳар намози ҷумъаи одинаи Раштонзамин.

Ҷаннати атри зилолу ҷаннати оби зулол,
Себи хубон гавҳари ганҷинаи Раштонзамин.

Баҳри таъмири замон фарзандҳо пар мекашанд,
Бо дуои модари оминаи Раштонзамин.

## Рӯзгорони Ҳисор

Шаҳсутуни арш бошад кӯҳсорони Ҳисор,
Кокули хуршед бошад обшорони Ҳисор.

Баски рӯйи гарм дорад мардуми бекинааш,
Файз меборад ба рӯйи рӯзгорони Ҳисор.

Дар кафи нозаш Душанберо ба ҷон мепарварад,
Бӯйи Турсунзода дорад атри борони Ҳисор.

Чун нишони пойдорӣ пойдор истодааст,
Пойдевори баланди посдорони Ҳисор.

Моҳ хирман мезанад дар даштҳои Хирманак,
Рӯй мебинад ба рӯйи чашмасорони Ҳисор.

Хоки Охунди Шарифу хоки Эшони Калон,
Осмон паст аст пеши хоксорони Ҳисор.

Бо гули наврӯз ороянд дар наврӯзгоҳ,
Ёли симини саманди шаҳсаворони Ҳисор.

Дар дили аҳли дилу дар синаи аҳли сафо,
Ҷовидон шуд номи неки номдорони Ҳисор.

## Симои Истаравшан

Аз санг лаъл созад устои Истаравшан,
Яъне, ки рӯшноист фардои Истаравшан.

Ҳар фард як такопӯ, ҳар чашм як тарозу,
Пайкору корзор аст симои Истаравшан.

Нақши гули пиёла чандинҳазорсола,
Рими Қадим пӯшад дебои Истаравшан.

Бар лашкари Сикандар оташ кушод ҳар дар,
Афшини Суғд бошад бобои Истаравшан.

Шаҳри хирадгароӣ, аз аҳди мумиёӣ,
Мулки Ҳазоршаҳр аст таҳҷойи Истаравшан.

Гулгашти шоиронаш ҳеҷ интиҳо надорад,
Дарёи шеър бошад дарёи Истаравшан.

Аз файзи меҳмонаш ё сӯзи ошиқонаш,
Дуди кабоб дорад шабҳои Истаравшан.

Сарви равон наояд ҳампойи нозанинаш,
Зеботар аз сухан буд зебои Истаравшан.

Як шаҳр ошноӣ, як шаҳр рӯшноӣ,
Як шаҳр офтоб аст маънои Истаравшан.

## Хотираи қурбониёни Яккабеди Файзобод

*Пурсояву пурмаҳтоб шаб хам-хами Файзобод,*
*Ҳусни шаби маҳтобӣ дар шабнами Файзобод.*
*Бозор Собир*

Пурнолаву пурфарёд дашту хами Файзобод,
Ашки шаби маҳтобӣ дар шабнами Файзобод.
Ку лолаи хандонаш, ку чаҳ-чаҳи мурғонаш?
Дар пуштаҳо мечокад кабки рами Файзобод.

Ҳузновару ҳузновар шаббодаи Элокаш,
Лабташнаву лабташна хун мечакад аз токаш,
Гӯри ҷавонмардон шуд, оҳиста рав бар хокаш…
Як кишваре биншаста дар мотами Файзобод.

Эй чашмаи наврӯзӣ, эй пуштаи боронӣ,
Во хоҳари саргардон, во модари армонӣ,
Шаҳбаччаи озода дар хок шуд зиндонӣ…
Аз дидаҳо дарё шуд оби ками Файзобод…

Хамгаштаву хамгашта пушти хами Файзобод,
Ашки шаби маҳтобӣ дар шабнами Файзобод,
Абри сияҳ менолад бар мотами Файзобод,
Биншаста дар овозам сӯзи ғами Файзобод…

## Хотираи Бадахшон

Дар ин фасли гулпираҳан дар Бадахшон,
Гулу лола шуд анҷуман дар Бадахшон.

Ҳама моту мафтуни ҳусни баёнаш,
Адаб дар Бадахшон, сухан дар Бадахшон.

Ба ҳар сангу ҳар чашма бинӣ нишоне,
Зи таърихи мулки куҳан дар Бадахшон.

Дили кӯҳҳо лаъл шуд аз муҳаббат,
Чӣ бахт аст меҳмон шудан дар Бадахшон.

Хушо Носири Хусрави покдинаш,
Ки ҷовид дорад ватан дар Бадахшон.

Бузурги замон чун назар дорад он ҷо,
Нигар фарри фарҳангу фан дар Бадахшон.

Зи ширинии дилбарони бадахшӣ,
Бувад ҳар ҷавон Кӯҳкан дар Бадахшон.

Ҷаҳон аз баландӣ чӣ сон менамояд?
Бипурсед аз марду зан дар Бадахшон.

## Осмоншаҳри Карон

Қадри ҳар санг чу фарҳанг гарон аст ин ҷо,
Чашми ҳар хишт чу модар нигарон аст ин ҷо,
Чи азиму чи қадиму чи ҷавон аст ин ҷо,
Ва қадамгоҳи баланди падарон аст ин ҷо,
Осмоншаҳри биҳиштии Карон аст ин ҷо!

Асрҳо буд башар маҳди Авасто меҷуст,
Асари қиблаи Зардушт ба ҳар ҷо меҷуст,
Ба дили хоки сияҳ ҳалли муаммо меҷуст,
Вараќи аввали таърих аён аст ин ҷо,
Осмоншаҳри биҳиштии Карон аст ин ҷо!

Хасм мехост, ки таърихи ту кӯтоҳ кунад,
Ҷойгоҳи ту ба худ нисбату ҳамроҳ кунад,
Ва башарро ба чунин васваса гумроҳ кунад,
Радди ҳар фитнаи ин фитнагарон аст ин ҷо,
Осмоншаҳри биҳиштии Карон аст ин ҷо!

Дӯш аллома Қаноат, ки бузург он бошад,
Гуфт маънии Карон «шаҳри бузургон» бошад,
Решаи карнайу каргас ҳам аз ин сон бошад…
Санади фарру бузургии Каён аст ин ҷо,
Осмоншаҳри биҳиштии Карон аст ин ҷо.

Дошт тоҷик аз аввал хату унвони баланд,
Ватанаш шаҳри баланду дару девони баланд,
Кӯҳ бар кӯҳ ниҳоданд ниёгони баланд!
На ба таъбир, ба ҳақ, Боми Ҷаҳон аст ин ҷо,
Осмоншаҳри биҳиштии Карон аст ин ҷо.

## Фазои Сангвор

Сими борон дар фазои Сангвор,
Пири Лайрон раҳнамои Сангвор.

Тири арар дар камони Рустамаш,
Кӯҳи мармар муттакои Сангвор.

Ибтидояш гар бувад Ҳавзи Кабуд,
Ҳавзи Кавсар интиҳои Сангвор.

Дар замин бошад ва ё дар осмон?
Ин қадар болост ҷойи Сангвор!

Орифу шайху шаҳиду авлиё,
Хуфта дар ҳар хонақои Сангвор.

Бурхи Сармасти Валии сабзпӯш,
Даргаҳи мушкилкушои Сангвор.

Косаи чинии ширинии тут,
Лаҳҷаи аҳли зиёи Сангвор.

Меҳрубону меҳрубону меҳрубон,
Мардуми рамзошнои Сангвор.

Дар мақоми ҳиммату хони карам,
Ҳотами Тойӣ гадои Сангвор.

Тифлро шири шуҷоат медиҳанд,
Модарони авлиёи Сангвор.

Оби Хингобаш ба таҷвиди равон,
То саҳар хонад дуои Сангвор.

Вахш ҳам бо он ҳама пахноварӣ,
Сар гузорад пеши пои Сангвор.

Як саду як дардро бошад даво,
Чашмаи оби шифои Сангвор.

Хок дар пеши назар зар мешавад,
Пас чӣ гӯям дар санои Сангвор?

Сангари фарҳангу имону адаб,
Дар табассум кимиёи Сангвор...

Чун сипоси меҳрубонии Шумо,
Ин ғазал гуфтам барои Сангвор.

## Ҷавҳари Рӯшон

Моҳ дар Бартанги Рӯшон рӯшан аст,
Шом бо оҳанги Рӯшон рӯшан аст.

Лаъл мерезад ба пойи меҳмон,
Санг андар санги Рӯшон рӯшан аст.

Мардуми рӯшандилу рӯшанзамир,
Ҷавҳари фарҳанги Рӯшон рӯшан аст.

Сарбаландии табори кӯҳсор,
Дар виқору нанги Рӯшон рӯшан аст.

Лолааш шабро чароғон мекунад,
Дафтари аржанги Рӯшон рӯшан аст.

Шод бош, эй сарзамини рӯшанӣ,
Рӯйи Рӯшон, ранги Рӯшон рӯшан аст.

## Ҳамин аст Хоруғ…

Нигини Бадахшонзамин аст Хоруғ,
Ба тоҷи Бадахшон нигин аст Хоруғ.

Агар рӯҳ бо кӯҳ ҳамсанг бошад,
Ҳамин аст, оре, ҳамин аст Хоруғ.

Ба ҳар чор фаслаш фалак нилгун аст,
Зи ҳар чор сӯ нозанин аст Хоруғ.

Чӣ гӯем аз мардуми покрӯяш,
Ки бо ахтарон ҳамнишин аст Хоруғ.

Ҳама чиз ин ҷо наҷибу баланд аст,
Ки наздики чархи барин аст Хоруғ.

Сафедораш аз осмон об гирад,
Агарчанд худ дар замин аст Хоруғ…

## Ёддошти Ишкошим

Хушдилу хушгилу хушбодуҳаво Ишкошим,
Ватани мардуми бо меҳру вафо Ишкошим.

Дурдастию валекин ба дилам наздикӣ,
Достонҳои ту гӯям ҳама ҷо, Ишкошим.

Кӯҳҳои ту ҳама пайкараи номусанд,
Обҳои ту ҳама оби шифо, Ишкошим.

Ҳама бо рӯйи кушоду ҳама бо синаи боз,
Мо надидем дар ин мулк риё, Ишкошим!

Агарат равзанаи олами боло гӯем,
Ба гумонам, ки накардем хато, Ишкошим.

Саҳари рафтани мо омадаву мехоҳам,
Зи бузургони ту як даст дуо, Ишкошим.

## Ватандории Ишкошим

Зи Ишкошим омӯзем оини ватандорӣ,
Ки шабро рӯз месозад ба бебокиву бедорӣ.

Ватанро дидбонӣ мекунад ҳар теғаи кӯҳаш,
Ба сангаш мекунад марзи Ватанро сангдеворӣ.

Зиҳӣ, эй пири сарҳад, пири пуртадбири Ишкошим,
Ки дар сад соли умрат марзро холӣ набигзорӣ,

Зу рӯйи хатти номуси ту ҳаргиз нагзарад душман,
Набошад бим, агарчи нест ин ҷо хатти симхорӣ.

Зиҳӣ, эй моҳи кишвар, духтари маъсуми Ишкошим,
Зи ҳар офат нигаҳбони ту бошад Ҳазрати Борӣ.

Ту ҳам ҳамшираи ҳамшири сарбози Ватан ҳастӣ,
Ки ӯро ширчой овардаӣ рӯзи парасторӣ.

Дар ин ҷо ҳар зану ҳар мард ҷузъи марзбонон аст,
Ва ҳар кӯдак ба кори марзбонӣ мекунад ёрӣ…

Ва рӯди Панҷ ҳам сар мекашад аз қалби Ишкошим,
Барои марзбонӣ, қад-қади марзи Ватан ҷорӣ.

## Қашанг аст Шуғнон…

Диёри гули ҳафтранг аст Шуғнон,
Ба ҳар чор фаслаш қашанг аст Шуғнон.

Дили зиндаву рӯҳи озода дорад,
Таҷаллии номусу нанг аст Шуғнон.

Ба он вусъати дидгоҳе, ки дорад,
Мапиндор водии танг аст Шуғнон!

Ба чашмони обию нози бадахшӣ,
Худоро, ки рашки Фаранг аст Шуғнон.

Ҷавонаш магар гурдаи шер дорад,
Ва ё ошёни паланг аст Шуғнон?

Чунин гуфт устураи «Шоҳнома»,
Ки дар разм пилу наҳанг аст Шуғнон...

Дареғо, ки Барсеми сабзаш хазон шуд,
Дилозурдаи сели санг аст Шуғнон.

Дар ин ҷо мусибат ҳам оҳанг дорад,
Рубоби бадахшӣ ба чанг аст Шуғнон.

Чунон қуллаи кӯҳсораш баланд аст,
Ки гӯӣ ба гардун ба ҷанг аст Шуғнон!

Гувоҳи азим аст оби зулолаш,
Ки покиза аз захму занг аст Шуғнон.

Диёри гули ҳафтранг аст Шуғнон,
Ба ҳар чор фаслаш қашанг аст Шуғнон.

## Хотираи Ванҷ

Атри зилол роиҳаи бӯстони Ванҷ,
Боғи биҳишт пешкаши меҳмони Ванҷ.

Сангаш ҳама зумурраду ёқуту мармар аст,
Аз чормағзу тути мавиз аст нони Ванҷ.

Ванҷови мавҷпӯш, ки чун шир медамад,
Ҷорист бо дуои шаби модарони Ванҷ.

Ҳар пир пири ҳикмату ҳар кӯй кӯйи дӯст,
Меҳроби ишқ гӯшаи ҳар хонадони Ванҷ.

Бар ростии арари садсолааш қасам,
К-аз ростист гавҳари озодагони Ванҷ!

Шерози маҳфилаш ҳама лутфу латифа аст,
Ҷовид бод мардуми ширинбаёни Ванҷ!

Симои хусравонаву фарҳанги хусравӣ,
Рустам равон ба рӯҳу раги ҳар ҷавони Ванҷ.

Ҳаргиз ғубори хоки заминро надидааст,
Он шонаи баланди ҷаҳонпаҳлавони Ванҷ.

Тарсам, ки бутпараст шавад марди порсо,
Чун бигзарад ба кӯйи накӯи бутони Ванҷ.

Эй дил, агар зи ғуссаи офоқ хастаӣ,
Себе бигир аз сари дастурхони Ванҷ…

Пойи Мазор пойи баланди саодаташ,
Мавлои Садру Бадри Валӣ посбони Ванҷ.

Чун осмон ба қуллаи ӯ такя мезанад,
Ё Раб, ситоразор бувад осмони Ванҷ!

## Хотираи Алмосӣ

Ба фидои баракоти дараи Алмосӣ,
Зи биҳишт аст магар манзараи Алмосӣ.

Чу қадамгоҳи бузургони Худо мебӯсам,
Остони дари ҳар мақбараи Алмосӣ.

Дурҳо рафтаму аз гӯши дилам дур нарафт,
Ғазали шабдарави шаршараи Алмосӣ.

Ба ҷаҳон гаштаму аз хотираам пок нашуд,
Хати сабзи вараҷи хотираи Алмосӣ.

Ба сари хирмани гандум чӣ ҷавон бинмояд,
Падари барзгари бефараи Алмосӣ.

Ба хаёлам, ки малак дар табақи нур кашанд,
Сари ангуру анори сараи Алмосӣ.

Меҳмон бехабар аз он, ки шикораш карданд,
Шӯхчашмони чу оҳубараи Алмосӣ.

1991

# ДӮСТ ДОР ЗИСТАН!

## Ҳадаф

Паём дардро бузург мекунад,
Ва дард мардро бузург мекунад.

Раҳо шав аз набардҳои беҳадаф,
Ҳадаф набардро бузург мекунад.

Умеду эътимодро раҳо макун,
Умед фардро бузург мекунад.

Чу зарра сӯйи офтоб роҳ гир,
Ки ишқ гардро бузург мекунад.

Бинозам аз бузургии раҳи вафо,
Ки раҳнавардро бузург мекунад.

Ёди гулгаште, ки чидам аз гули рухсор гул,
Ёсуман гул, настаран гул, ноз гул, бехор гул.

Чашм рӯшан, дида рӯшан, зиндагӣ атри баҳор,
Осмон гул, остон гул, шаҳр гул, бозор гул.

Ҷилваи нози ҷамоли кист растохези ҳусн?
Сарв гул, шамшод гул, товус гул, рафтор гул.

Фасли меърочи парасту, соати эҳсоси боғ,
Об гул, оина гул, даргоҳ гул, девор гул.

Мардуми озодаи шаҳри ман аз ҷинси гул аст,
Рӯй гул, абрӯй гул, рухсор гул, дидор гул.

Гул ба дасту гул ба домон, гул ба мижгон, гул ба сар,
Дар булури ҳар табассум мешавад такрор гул.

Бар дари масҷид расидам хирмани гул медамид,
Саҷда гул, саҷҷода гул, тасбеҳ гул, дастор гул.

Исавӣ гул, мусавӣ гул, габру тарсо гулфурӯш,
Оташи дайри муғон гул, хонаи хаммор гул.

Ҳолиё бархез, то «гул гуфтаву гул бишнавем»[1],
Мавҷ гул, фаввора гул, сармаст гул, саршор гул.

Раҳнамо ҳам аз ҷунуни ин хиёбонҳо гузашт,
Ҳарф гул, андеша гул, ашъор гул, осор гул.

---

[1] Нимсатре аз устод Лоиқ

## Дӯст дор зистан!

Доғи лола дар ниҳон чун баҳор зистан,
Ҳалқа-ҳалқа хуни дил, чун анор зистан,
Пушти хандаҳои маст сӯгвор зистан,
Сар ба санги бесадо, обшор зистан,
Зиндагии мурдаро чун мазор зистан...
Баъд аз ин наметавон мисли пор зистан.

Дар таассуби сияҳ дар мағор зистан,
Бе чароғи маърифат, шоми тор зистан.
Аз таҳаввули ҷаҳон дар канор зистан,
Аз ҳақиқати худӣ дар фирор зистан,
Рӯ ба раҳми осмон чашми чор зистан…
Баъд аз ин наметавон мисли пор зистан.

Эй, ту соҳиби Ватан, ёд ор зистан,
Ифтихор доштан, ифтихор зистан,
Бо сари баланди худ ошкор зистан,
Раста аз ҳудудҳо растагор зистан,
Дар шукӯҳи шаҳри худ шаҳриёр зистан…
Баъд аз ин наметавон мисли пор зистан.

Ҷӯш зан, тарона шав, дӯст дор зистан,
Бо ғурур зистан, бо виқор зистан,
Рӯйи эътимоди худ кӯҳсор зистан,
Бе дурӯғ зистан, бе ғубор зистан,
Баъд аз ин наметавон бо шиор зистан…
Баъд аз ин наметавон мисли пор зистан.

Оқил аз нодон биранҷад, во аҷаб,
Одам аз ҳайвон биранҷад, во аҷаб.

Мард к-аз номард ранҷад, мард нест,
Кӯҳ аз тӯфон биранҷад, во аҷаб.

Шамъро чун тоби як маҳфил набуд,
Аз маҳи тобон биранҷад, во аҷаб.

Боз кун он чашмаи хуршедро,
Шамс аз кӯрон биранҷад, во аҷаб.

Аз азал сахт аст роҳи ростӣ,
Муддаӣ аз он биранҷад, во аҷаб.

Бас, ки пайванд аст ҷони авлиё,
Хизр аз Луқмон биранҷад, во аҷаб.

Зоҳиде, к-ӯ лофи ирфон мефурӯхт,
Дар талоши нон биранҷад, во аҷаб!

Орифе, к-ӯ хеш дарё гуфта буд,
Инчунин осон биранҷад, во аҷаб!

Бо фиреби чанд гурги дар камин,
Мардум аз султон биранҷад, во аҷаб.

Ҳарчӣ дидем аз Ватан, болои чашм,
Юусуф аз Канъон биранҷад, во аҷаб.

Мо, ки бар пояш сарафшон омадем,
Ёр дастафшон биранҷад, во аҷаб.

Сабр бошад раҳнамои Раҳнамо,
Ҷон, ки аз ҷонон биранҷад, во аҷаб.

Туӣ он ҷуръаи масте, ки дар соғар намегунҷӣ,
Туӣ он вусъати поке,  ки дар бовар намегунҷӣ.

Пайи тафсири маънии ту фарҳанге дигар бояд,
Ту чун шаҳзодае дар зеҳни ҳар чокар намегунҷӣ…

Сукути милаҳои ин қафас бисёр дилгир аст,
Бузургии ту пар бикшодаву дигар намегунҷӣ.

Ба ин фазлу ба ин фарҳангу нуру рӯшноият,
Ту дар як халқаву як шаҳру як кишвар намегунҷӣ.

Нишастам, то нависам хубии бемунтаҳоятро,
Ту дар гуфтан намеойӣ, ту дар дафтар намегунҷӣ.

Рафтанд рӯзгорон чун рӯзҳои бозӣ,
Гоҳе ба тангдастӣ, гоҳе ба бениёзӣ.

Сабру сукут гоҳе маънии иқтидор аст,
Аз кӯтаҳии даст аст гоҳе забондарозӣ.

Ҷуз нола барнахезад аз пайкари шикаста,
Шояд, ки менавозӣ рӯзе ба дилнавозӣ.

Аз тезии нигоҳат тири ханданг резад,
Тоҷикро нашояд оини турктозӣ.

Бо мазҳаби тамаллуқ ман оштӣ накардам,
Шояд, ки сар супорам дар дини сарфарозӣ.

Руъёи ҳақпарастӣ дар хуни мо нишаста,
Ин ормон намирад дар «насли бозсозӣ».

Рӯ аз ту барнатобам сӯйи фақеҳи минбар,
Моро фақат ту бошӣ муфтиву шайху қозӣ.

Ҷуз гавҳари яқинат дар сина дил надорам,
Гарчанд рӯсиёҳам гоҳе ба бенамозӣ.

Накшод дар ниҳоят рози нуҳуфтаатро,
Не шайхи Тафтазонӣ, не файласуфи Розӣ.

Дар мактаби висолат таълими Раҳнамо шуд,
Оини порсоӣ, фарҳанги худгудозӣ.

## Тасвире аз танҳоӣ

Нигоҳи хастаи чашмони интизори худам,
Фурӯғи тираи шамъи шабони тори худам.

Агарчи номи ман аз ҳар саҳифа мешӯянд,
Худам муҷассамаи санги ёдгори худам.

Ба лутфи ҳеҷ кас инак, надорам уммеде,
Худам ба пушти дари худ умедвори худам.

Чу дар канори ман имрӯз соябоне нест,
Чу сояи худам истода дар канори худам.

Касе таронаи ҳузни маро намехонад,
Худам парандаи андӯҳи шохсори худам.

Дареғ, к-аз пайи ёрони бемурувват рафт,
Диле, ки ҳеҷ наёмад дар ихтиёри худам.

Ба захми водии худкардагӣ даво ҷӯям,
Ба сӯзани худам аз по кашида хори худам.

Худам зи пушти худам саф кашидаам имшаб,
Ба сангзори маломат ба сангсори худам.

Ҳама маҳаллу гурӯҳу сиёсату ҳизбанд,
Худам муаллифи барномаву навори худам.

Ба корзори худам ман Ватан, Ватан гуфтам,
Худам танидаам ин мактабу шиори худам.

Ба теғи тези забон сар буридаам худро,
Ба тири тези қалам дар пайи шикори худам.

Худам барои худам дом мешавам гоҳе,
Ба ҳар тараф, ки гурезон шавам, дучори худам.

Дигар ба қиссаи ман шӯри базму соқӣ нест,
Ба базми ҳасрати худ сархуши хумори худам.

Кунун ба фасли хаёлам гуле намерӯяд,
Зи хуни лолаи худ ранги навбаҳори худам.

Сари баланд нахоҳад муҳити беранги,
Дусад дарeғ, ки қурбонии виқори худам.

Чу моҳтоб, ки гоҳе ба абр мепечад,
Худам ниҳон шуда дар пардаи ғубори худам.

Чӣ сол буд ки пайки наве намеояд?
Китоби куҳнаи афсонаҳои пори худам.

Дилам чу шохаи беди наҳиф меларзад,
Ки хуб бохабар аз интиҳои кори худам…

Музоҳими қафаси ҳеҷ кас нахоҳам шуд,
Сари баланди худам мекашам ба дори худам.

Зи оташе, ки ба ҳар байти ман фурӯзон аст,
Худам ниҳодаам ин шамъ бар мазори худам…

Худам муҷассамаи санги ёдгори худам.

Не бузургам, не сутургам, ҳеҷ даъвое надорам,
Мушти хокам, тӯдаи коҳам, таманное надорам.

Ман на устодам, на шайхам, ин ҳама лутфи шумо буд,
Пургуноҳам, кӯри роҳам, чашми биное надорам.

Рафтам аз кӯйи сиёсат сӯйи кӯйи бенишонӣ,
Гарчи мегуфтанд дар ин бахш ҳамтое надорам.

Ҳизби хоку ҳизби боду ҳизби обу ҳизби оташ,
Ҳар кадоме ҳар чӣ мегӯянд, парвое надорам!

Ҳарчӣ меполанду меполанду меполанд моро,
Як қалам оинаи софам, муаммое надорам.

Бо гуноҳи бегуноҳӣ ё ба ҷурми рӯшноӣ,
Дар муҳити тираи аҳли замон ҷойе надорам.

Ҳарчӣ гуфтам аз вуҷуду аз замири хеш гуфтам,
Ғайри таъмири Ватан андешаву ройе надорам.

Ҳар саҳар бо азми рафтан мекушоям чашми хобам,
Чун кунам, аз дасти ин дилбастагӣ пойе надорам.

Мефишорам хешро то кас набинад, кас надонад,
Бо чунин имрӯз медонам, ки фардое надорам.

Чун таноби дор даври гарданам танг аст имшаб,
Даст гир, эй меҳрубон, ғайри ту мавлое надорам.

## Аз даст рафт…

Дар набарди зиндагӣ умри ҷавон аз даст рафт,
Гавҳари ганҷинаи мо ройгон аз даст рафт.

Хоб медидам, ки фардо ин кунам ё он кунам,
То шудам бедор, дидам корвон аз даст рафт.

Дар ҷавонӣ Каҳкашони орзуҳо доштам,
Тӯдаҳои коҳ монду Каҳкашон аз даст рафт.

Хун бинол, эй булбули мастон, ки аз ҷаври фалак,
Гул ятими боғ монду боғбон аз даст рафт.

Гуфта будам давлати ҳар ду ҷаҳон орам ба каф,
Ин ҷаҳон бар каф наёмад, он ҷаҳон аз даст рафт.

Як ҳамин Одам фақат қурбонии гандум набуд,
Умри мо ҳам дар талоши қурси нон аз даст рафт.

Баски ин гардун миёни нозанинон бишканад,
Эътимод аз синаи хурду калон аз даст рафт.

Сарвати дунё қиморе буд к-онро бохтем,
Инчунин омад ба дасту ончунон аз даст рафт.

Дар салиби ҷаҳл имонро ба дор овехтем,
Обҳо хушкиду файзи осмон аз даст рафт.

Зулм агар сомон бигирад, мулк бесомон шавад,
З-ин фалокат давлати Сомониён аз даст рафт.

Гоҳ дар дину сиёсат, гоҳ дар ҷоҳу ҷалол,
Нақди умрам дар ҳавои ину он аз даст рафт.

Чашмро бикшой то рози раҳойӣ гӯямат,
То нагӯйӣ Раҳнамои роздон аз даст рафт.

## **Бомдоди Наврӯз**

Гулбонги ишқ дар малакут аст ин саҳар,
Асрор дар мақоми субут аст ин саҳар.

Зангулаи муборакӣ озодагӣ бизан,
Ворастан аз ҳудуду хутут аст ин саҳар.

Шукри Худо, ки муждаи Наврӯз ҳам расид,
Гӯянд хатми нахвати ҳут аст ин саҳар.

Бар пешвози фасли ҳумоюн баланд шав,
Пирӯзии садо ба сукут аст ин саҳар.

Айёми зулфбезии бед аст ин нафас,
Айёми дастёзии тут аст ин саҳар.

Зонуи эътироф занам пеши обшор,
Айни бузургиву ҷабарут аст ин саҳар.

Шамими васл мерасад, салом интизорҳо!
Насими сабз мевазад, салом навбаҳорҳо!

Табассуми сапедадам ниҳода шарфаи қадам,
Шукфарез мешавад, салом шохсорҳо!

Навои набзи хок маст, раги равони ток маст,
Зи хӯшаҳои саргарон салом, ҳушёрҳо!

Ту банди мӯй боз кун, ба ташнагон дароз кун,
Зи мавҷрезу мавҷхез, салом обшорҳо!

Навои ноб дилнишин, садои об дилнишин,
Зи умрҳои даргузар, салом ҷӯйборҳо!

Зи ҷони хок медамад шукуфаҳои ормон,
Зи рафтагони бенишон, салом рӯзгорҳо!

Агарчи бас талош шуд, замири шайх фош шуд,
Зи ишқи ошкори мо салом роздорҳо!

## Ба пири маънӣ

Сарв аст ошиқи қаду болои пири мо,
Нури Худо нишаста ба симои пири мо.

Ҳар субҳидам ба дидани рӯйи намозиаш,
Хуршед медамад ба тамошои пири мо.

Райҳони ҷаннат аст ва ё нофаи Хутан,
Гесуи мушкбези сумансои пири мо.

Оёт зиндаанд ба вақти тиловаташ,
Аз Арш мерасад магар овои пири мо.

Бо ақлу бо сухан натавон дар баён кашид,
Ҳусни хисолу ғояти тақвои пири мо.

Гӯянд дӯстон, ки чӣ зебо сурудаӣ,
Ин партавест аз рухи зебои пири мо.

Дидам, ки Раҳнамои ту чун шамъ об шуд,
Бо ашки гарм шуста кафи пои пири мо.

2010

## Барои устод Рустами Ваҳҳоб

Гарчи Рустам будану ваҳҳоб будан саҳл нест,
Рустами ваҳҳобро дидем дар симои ту.

Як ватан меҳанпарастӣ бар фарози шонаат,
Як ҷаҳон бахшандагӣ дар назми ҷонбахшои ту.

Нусхаи асли адабро аз куҷо омӯхтӣ?
Ё зи насли мустақими Одаму Ҳаввои ту?

Водии огоҳиву ҳодии худсозӣ туӣ,
«Маснавӣ»-ро низ бикшодем бо фатвои ту.

Гар маро пурсанд оё ҳаст «маънии равон»,
Дорам ангушти ишорат ҷониби болои ту.

Ё агар гӯянд худ Симурғ оё зинда аст?
Бегумон дар ёдам ояд ҳастии Анқои ту.

Аз Абасто то Қаноат ҳамнишинӣ доштӣ,
Вазну тамкини замин ҷорист дар маънои ту.

Порсию порсоӣ боз эҳё мешавад,
Гар ба мактаб роҳ ёбад мактаби эҳёи ту...

Ақли пуртадбир бар мӯят сапедӣ мезанад,
Ишқи тӯфонхез мешӯяд дили дарёи ту...

## Шабеҳа

Духтари ман, духтари огоҳи ман,
Рӯшании ман, гули ман, моҳи ман.

Хонадони мо, ки донишгоҳ буд,
Беҳтарин шогирди донишгоҳи ман.

Бо ҳамон дардошноии бузург,
Дар тамоми дардҳо ҳамроҳи ман.

Бо ҳамон андешаву ворастагӣ,
Ёдгори ман, давоми роҳи ман.

Ҳосили рӯҳи маорифпарварам,
Ҳосили табъи адолатхоҳи ман.

Аз шукӯҳи устувори азми ту,
Кӯҳ шуд имрӯз парри коҳи ман.

Чун вуҷудаш як қалам имони туст,
Дар паноҳаш дор, ё Аллоҳи ман!

## Дар пайванди ду азиз

Бořони тирамоҳон ҳай ришта-ришта омад,
Парвизи мо малак буд ҷуфти фаришта омад.

Покон барои покон, некон барои некон,
Дар ояти илоҳӣ некӯ набишта омад.

Дар сурату ҷамолаш, дар фитрати ҳалолаш,
Зебоиву накуӣ дар ҳам сиришта омад.

Даври қамар фано шуд, вашшамсу ваззуҳо шуд,
Вақте арӯси нозаш лабханд кишта омад.

Бо қомате муборак чун сураи таборак,
Ин ҳурии биҳиштӣ ғамро биҳишта омад.

Чашмони Раҳнамо шуд лабрези шодмонӣ:
Борони тирамоҳон ҳай ришта-ришта омад…

## Барои Сайёрабонуи азиз

Атри ёсу ёсуман келини мо,
Шохаи сабзи суман келини мо.

Дар канори шоҳ Парвизи қашанг,
Шоҳбонуи ватан келини мо.

Пайкари имону ахлоқу адаб,
Ҷонамозаш настаран келини мо.

Чашми номаҳрам надида дидааш,
Пираҳан дар пираҳан келини мо.

Ҷуз «салом»-у «раҳмат»-аш нашнидаам,
Хушкалому хушсухан келини мо.

Субҳгоҳон медамад чун офтоб,
Ахтари бурҷи Яман келини мо.

Дар бари фарзанди мо ҷовид бод,
Ҳамчу маънӣ дар сухан келини мо.

Раҳнамо, ин шеърро пӯшида гӯ,
Нест аҳли анҷуман келини мо.

## Пайкараи Султони Ҳамад

Рӯйи мармар дошт Султони Ҳамад,
Қадди арар дошт Султони Ҳамад,
Дар муҳиту мактаби одамгарӣ,
Сабки дигар дошт Султони Ҳамад,

Кӯҳ буд, яъне, ки кӯҳи тоҷикӣ,
Бо ғуруру бо шукуҳи тоҷикӣ,
Бар тавонмандии рӯҳи тоҷикӣ,
Сахт бовар дошт Султони Ҳамад.

Ҳамчу афсар буд виҷдони Ватан,
Ҷони ӯ пайваста бо ҷони Ватан,
Соати марги бузургони Ватан,
Дидаи тар дошт Султони Ҳамад.

Дар сиёсат низ марди роҳ буд,
Ёри Раббонию Аҳмадшоҳ буд,
Аз қимори Осиё огоҳ буд,
Фикри кишвар дошт Султони Ҳамад.

Чашму гӯшу ҳӯшу истеъдод буд,
Бегумон, кашшофи модарзод буд,
Сахт огоҳу хирадбунёд буд,
Ҳӯши бартар дошт Султони Ҳамад.

Аз такопӯҳои миллат бохабар,
Нури чашми мардуми соҳибназар,
Эй аҷаб, дар ҳар дару дар ҳар  гузар,
Сад бародар дошт Султони Ҳамад.

Гоҳ аз ҳоли ҳунармандон вакил,
Гоҳ аз дарди муҳоҷир хастадил,
Гоҳ аз номардии ёрон хиҷил,
Рӯҳи пар-пар дошт Султони Ҳамад.

Чун фазояш гоҳ-гоҳе танг буд,
Сарпаноҳаш сангари фарҳанг буд,
Лек дар фарҳанг ҳам сарҳанг буд,
Ҳарфу минбар дошт Султони Ҳамад.

Ҷилди таърихи Ватан дар қабзи ӯ,
Ҳикмати Бурхи Валӣ дар набзи ӯ,
Мулки Вахё ҷонамози сабзи ӯ…
Дурру гавҳар дошт Султони Ҳамад.

Вусъати рӯҳи матинаш ёд бод,
Хандаҳои ростинаш ёд бод,
Дурбини дурбинаш ёд бод,
Сабки дигар дошт Султони Ҳамад…

## Озарахшу Фарзона

Дар вуҷуди ирфонӣ ҳикмати ҳакимона,

Дар қабои дарвешӣ эътибори шоҳона,

Дар сукути нахлистон наърахои мастона,

Дар муҳити якрангӣ беназиру якдона,

Нури дидаи мардум, ҷони хешу бегона,

Рӯҳи зиндаи миллат, рӯшании ҳар хона,

Чеҳрае чунин маъсум, хандаҳои тифлона,

Ҷовидонаи руъё, имтидоди афсона,

Ҷуфти Одаму Ҳавво, васли ҷону ҷонона,

Як чаман шукуфоӣ, як дарича шукрона.

Ваҳдати гулобу гул, базми шамъу парвона,

Озарахшу Фарзона, Озарахшу Фарзона.

## Тилфон ачали ман!
### *(Машқи шеъри ҳаҷвӣ)*

Чун ҳамсари ман рӯзу шаб андар бағали ман,
Тилфон ачали ман.
Маъшуқаи ман, ҳамнафаси ман, асали ман,
Тилфон ачали ман.

Бо ин ҳама таъкид фитодем ба домаш,
Гаштем ғуломаш.
Ку ҳӯши худододаву ақли азали ман,
Тилфон ачали ман.

Мағзу асабам мавҷ гирифтасту хароб аст,
Бисёр азоб аст.
Ин аст яқин иллати феъли дағали ман,
Тилфон ачали ман.

Ҳар кор кунам дасту дилам банд ба тилфон,
Ҳушам ҳама бар он.
Бисёр хатарнок шудаст ин касали ман!
Тилфон ачали ман.

Тилфони муосир шуда ҳам мушу ва ҳам гӯш,
Ҷосусаки хомӯш,
Дар ҳар қадаму ҳар сухану ҳар амали ман,
Тилфон ачали ман.

Не хилвату не узлату не ишрату не хоб,
Корам ҳама гирдоб.
Ку роҳату ку зиндагии бехалали ман?
Тилфон ачали ман.

Хоҳӣ, ки шавӣ бандаи бадбахт ба тилфон,
Бемору пушаймон.
Обуна шав, обуна шав андар канали ман!
Тилфон ачали ман.

Ҳам мӯйи сарам рехт ва ҳам мижаи чашмам,
Бисёр ба хашмам,
Аз дидаи бенуру сари тоси кали ман,
Тилфон ачали ман.

Гуфтам, ки аз ин банд раҳо мешавам оё?
Сахт аст, Худоё!
Ноком шуд ин нақшаву «макру ҳияли» ман,
Тилфон ачали ман.

Фарёд, ки сармояву вақтам ҳамагӣ мурд,
Тилфон ҳамаро хӯрд,
Худкуштани худ нест магар ин чадали ман?
Тилфон ачали ман.

Гар бар ту азиз аст пулу вақту тану чон,
Бигрез зи тилфон,
Ҳачв аст, вале рост бувад ин ғазали ман,
Тилфон ачали ман.

# АГАР ИМОН МЕБУД

## Агар имон мебуд

Агар имон мебуд,
Зиндагӣ содаву осон мебуд,
Чеҳраи халқ дурахшон мебуд,
Суфраи халқ пур аз нон мебуд,
Ин замин равзаи ризвон мебуд,
Агар имон мебуд.

Дастҳо мавҷи тараҳҳум мешуд,
Гунаҳо ғарқи табассум мешуд,
Кинаву бухлу ҳасад гум мешуд,
Ростӣ пешаи мардум мешуд,
Хок ҳам тахти Сулаймон мебуд,
Агар имон мебуд.

Гар ҳама пиру ҷавон бар илм имон оварем,
Зуҳраро аз гунбади гардун ба поён оварем.

Гар чу қавми номвар номус тоҷи сар кунем,
Тоҷро бори дигар бар Тоҷикистон оварем.

Зарраи хоки Ватан аз ишқ атрафшон кунем,
Он азизи Мисрро дар шавқи Канъон оварем.

Сарбаландиро чу кӯҳистони худ эҳё кунем,
Наъраи шеъри жаёнро бар найистон оварем.

Гарчи фатвои фақеҳон ишқро мастур кард,
Ҷон ба каф гирему бар таслими ҷонон оварем.

Ишқро дар кӯчаҳои нафс саргардон макун,
Ин нигини сабз тақдими Сулаймон оварем.

## Номае ба Иқболи Лоҳурӣ

Шабе бигристам бо рӯҳи Иқбол,
Ки аз он рӯзгорон рафта сад сол:
Ҳамон мулло, ҳамон сӯфӣ, ҳамон шайх,
Ҳамон ғафлат, ҳамон хорӣ, ҳамон ҳол.

Ба мулло бастам аҳди ошноӣ,
Вале уфтод байни мо ҷудоӣ.
Муроди ман Худои аззу ҷалл буд,
Муроди ҳазрати мулло худоӣ.

Чу аз ёди висоли ёр мастам,
Чӣ сон оини муллоро парастам?
Аз он бесуннату бемазҳабам хонд,
Ки ман аз хони кас локӣ набастам.

Зиҳӣ муфтӣ, ки фатворо фурӯшад,
Зиҳӣ шайхе, ки тақворо фурӯшад.
Аҷаб гарм аст бозори хиёнат,
Зиҳӣ мулло, ки муллоро фурӯшад.

Маро бо аҳли мазҳаб арз бошад,
Ки шояд гуфтани он қарз бошад.
Ҳамон рише, ки аз суннат ниҳодӣ,
Ба дасти шона додан фарз бошад.

Ҳама мулло ба мулло дар хилоф аст,
Ба даври Каъбаи худ дар тавоф аст.
Чу аз ваҳдат сухан гуфтам ба пешаш,
Бигуфто мазҳаби мо ихтилоф аст.

Ту мегӯйӣ мусалмон бешумор аст,
Ҳазор андар ҳазор андар ҳазор аст.
Намегӯйӣ, ки аз фақру ҷаҳолат,
Ҳама вобаставу маҳруму хор аст.

Миёни эҳтиёҷу фақру ҳирмон,
Намерӯяд гиёҳи ишқу имон.
Зи дини Мустафо бӯе набурда,
Агар бо ҷаҳл дарсозад мусалмон.

Мусалмоне, ки ахлоқаш накӯ нест,
Зи нури Мустафо чизе дар ӯ нест.
Агар дарёи дониш гашта бошад,
Варо дар маҳфили мо обрӯ нест.

## **Имрӯзи мусалмонон…**

Ӯ «Бихон!» гуфту мо намехонем,
З-ин сабаб тӯдаҳои нодонем.
Ӯ «Бубин!» гуфту мо намебинем,
Ва ба ҷаҳли амиқ мемонем.

Ӯ ба Ҳарфу Қалам қасам гӯяд,
Мо зи дарсу қалам гурезонем.
Ӯ ба Вақту Замон хӯрад савганд,
Мо куҷо қадри вақт медонем?

Ӯ дусад бор «Илм» фармояд,
Мо хурофот пеш меронем.
Ӯ дусад бор «Фикр» мегӯяд,
Мо ба эҳсоси худ хурӯшонем.

Ҳукми ӯ Ваҳдату Ухувват буд,
Лек мо пораву парешонем.
Ҳукми ӯ поси Аҳду Паймон буд,
Лек мо сахт сустпаймонем.

Ӯ «Бихезед!» гуфту дар хобем,
Ӯ «Бисозед!» гуфту вайронем,
Кай амал кардаем бар ҳукмаш,
Ки кунун аз амал пушаймонем?...

Ӯ бифармуд покии виҷдон,
Мо магар қавми поквиҷдонем?
Ӯ бифармуд гавҳари имон,
Мо чӣ миқдор аҳли имонем?

Дини мо мазҳари тараҳҳум буд,
Мо чаро гурги тездандонем?
Дини мо нуру рӯшноӣ буд,
Мо чаро тираву гаронҷонем?

Бо ду дасти тиҳӣ ҳамефахрем,
Ки ба миқдор мо фаровонем!
Бо чунин шеваи мусалмонӣ,
Обирӯйи башар бирезонем.

Ӯ «Бубин!» гуфту мо намебинем,
Ӯ «Бихон!» гуфту мо намехонем…
Ва муаммои асри мо ин аст,
Ки мусалмону номусалмонем.

## Фақеҳ

Гуфтам: «Ишқ мебояд». Гуфт: «Ло, иҷозат нест»,
Гуфтамаш: «Куҷоҳо?» Гуфт: «Ҳеҷ ҷо иҷозат нест».

Гуфтамаш: «Зи гардунҳо бонги ишқ меояд,
Аз Худо иҷозат ҳаст, аз шумо иҷозат нест?!»

Гуфт: «Сахт шаккокӣ, саркашиву бебокӣ,
Амри мо ҳама фарз аст, як садо иҷозат нест!»

Гуфтамаш: «Аҷаб кеше, чун намурд дарвеше,
Ҳам вафо иҷозат нест, ҳам сафо иҷозат нест?…»

Боби гуфтугӯ бастам, нағма дар гулӯ бастам,
Роҳи найситон гирам, чун наво иҷозат нест.

Дӯш муфтии минбар дар хумор фатво дод:
Гар ҳама раво бошад, Раҳнамо иҷозат нест.

Марзе муқаддас аст вафову бародарӣ,
Эй ошно, нигар, ки аз ин марз нагзарӣ.

Имон чу обгина булурест бас нафис,
Тарсам, ки бишканемаш аз ин сахтдоварӣ.

Асри ҷалоли ҳазрати Инсон расидааст,
Мову ҳамон тафаккури дарвешпарварӣ.

Бар миллате, ки модари таърих будааст,
Марг аст мардикориву нанг аст чокарӣ…

Чун сарнавишти мардуми ман сахт талх буд,
Бигзаштам аз таронаи шӯхию дилбарӣ.

Бо хуни дил ба лавҳи мазорам навиштаам,
«Огоҳиву тафаккуру номусу боварӣ!»

## Рӯзадорему ришва мегирем…

Фақр шуд хислати асосии мо,
Музди мастиву носипосии мо.

Инак, он кӯчии биёбонзод,
Нанг дорад зи бепалосии мо.

Пештар соҳиби ҷаҳон будем,
Ку ҳамон ғайрати ҳамосии мо.

Пештар хосаи милал будем,
Ҳайфи омию ҳайфи хосии мо.

Ҳоҷиҷаллобу ҳоҷиқаллобем,
Алҳазар аз вуҷуди осии мо.

Рӯзадорему ришва мегирем,
Бинигар дину диншиносии мо.

Дар маҳал дидаем меҳанро,
Қавм – дипломи ихтисосии мо.

Тарси дарки ҳақиқати олам,
Метапад дар дили ҳаросии мо...

2010

## Ҷанги мазҳаб

Мусалмон пора шуд дар ҷанги мазҳаб,
Ба хунаш арғувон шуд ранги мазҳаб.

Ҳама андар гулу фарёди нафрат,
Ҳама андар бағалҳо санги мазҳаб.

Куҷо шуд вусъати дини илоҳӣ?
Тафаккур танг шуд дар танги мазҳаб.

Ба ҷойи ояи тавҳиди Қуръон,
Ба гӯшаш мерасад оҳанги мазҳаб.

Надонистӣ, ки рӯбоҳи сиёсат,
Чӣ пинҳон кошт ин найранги мазҳаб.

Ба ҷойи нанги дину нанги имон,
Гузорад дар замират нанги мазҳаб.

Ба ҷойи пешвои дину ирфон,
Ба ҳар сангар яке сарҳанги мазҳаб.

Муҳити поки Покистону Эрон,
Чу зиндон гашт аз фарҳанги мазҳаб.

Сари тобути фарзанди шаҳидаш,
Рухи модар пур аз оҷанги мазҳаб.

Ғурури мазҳабӣ азустдинист,
Зи бенангист гоҳе нанги мазҳаб.

## Баҳси шиаву суннӣ…

Мешикофад имонро баҳси шиаву суннӣ,
Тира мекунад ҷонро баҳси шиаву суннӣ.

Накҳати ҷунун дорад, бӯйи гарми хун дорад,
Мекушад мусалмонро баҳси шиаву суннӣ.

Пеш аз ин зи номи мо ҷони хасм меларзид,
Хор кард Қуръонро баҳси шиаву суннӣ.

Рамзи фақру ҳирмон кард, дини бенавоён кард,
Дини сарбаландонро баҳси шиаву суннӣ.

Худ араб аз ин даъво қотили араб омад,
Пора кард Эронро баҳси шиаву суннӣ.

Дар гулуи дунёхор ҳамчу шир мерезад,
Обу нафти арзонро баҳси шиаву суннӣ.

То Фаранг ҳам бурдем ин набарди мазҳабро,
Баргирифт Юнонро баҳси шиаву суннӣ.

Ҳам фалак хиҷолат шуд, ҳам малак хиҷолат шуд,
Хаста кард Яздонро баҳси шиаву суннӣ…

Аз фитнаи сиёсати маккор алҳазар,
Аз гардиши замонаи ғаддор алҳазар.

Андешаи салоҳ бар ин қавм раҳ наёфт,
Аз сахтии таассуби девор алҳазар.

Ёрон ба рӯйи хеш ниқобе кашидаанд,
Аз гуфтугӯю маҷлису дидор алҳазар.

Доғи тамаъ кароматӣ аҳли зиё шикаст,
Аз пайравони ин раҳу рафтор алҳазар.

Аз олими рисолафурӯши ватанфурӯш,
В-аз ҷилди намкашидаи осор алҳазар!

Аз шайхи минбаре, ки намозаш сиёсат аст,
Аз печ-печи саллаи ин мор алҳазар.

Чархи фалак ба коми касе ҷовидон нагашт,
Аз гардиши пиёлаи саршор алҳазар.

Аз дуди оташи дили мардум канор бош,
Аз дуди оташи дили афгор алҳазар.

Гарчанд дарди ишқ ҳадисест дилпазир,
Аз мавҷхези турраи таррор алҳазар.

Моро ҷамоли дӯст биҳишт аст, Раҳнамо,
Аз миннати биҳишти ту зинҳор алҳазар.

Эй кош, шамъи шоми сиёҳи шумо шавам,
Аз ҳарфи бенатиҷаи бисёр алҳазар.

2015

Вақт аст, ки дигар сухани хом нагӯем,
Нури саҳар омад, хабари шом нагӯем.

Як мисраи рахшандаи хуршед нависем,
Дар шакли ғазал панҷараву дом нагӯем.

Айём ҳамон аст, ки мову ту танидем,
Чун беҳунар аз мушкили айём нагӯем.

Бо ҳиммати худ кишвару таърих бисозем,
То гӯр фақат қиссаи Баҳром нагӯем.

Аз баҳри тиҷорат шуда Меҳан нафурӯшем,
Аз баҳри сиёсат шуда «ислом» нагӯем.

Имону адаб ҷавҳари фармудаи дин аст,
Бо номи Худо ин ҳама дашном нагӯем.

Мардони Худоро, ки ҷаҳонро написанданд,
Аз бехабарӣ мардуми ноком нагӯем.

Гӯянд, ки чун аст таҷаллии висолаш?
Ин сирри азим асту бари ом нагӯем.

Эй раҳнамову раҳбари яктои Раҳнамо,
Эй сояи Ҳумой ба болои Раҳнамо.

Ёдат умеди гармии ин рӯзгори сард,
Зикрат чароғи хилвати шабҳои Раҳнамо.

Гирди ҷаҳон бигаштаму ҳаргиз раҳо нашуд,
Занҷири ёдҳои ту аз пойи Раҳнамо.

Аз чок-чокҳои дарун медиҳад нишон,
Ожангҳои руста ба симои Раҳнамо.

Дорӣ хабар, ки хушку тарам пок сӯхтӣ,
Эй оташи фитода ба саҳрои Раҳнамо.

Дорӣ хабар, ки хуни дилам пок рехтӣ,
Хун мечакад зи мисраи зебои Раҳнамо.

Чун партаве зи рӯйи накӯят насиб нест,
Бӯят магар расад ба мудовои Раҳнамо.

Валлаҳ, ба ҳафт баҳр қаноат намекунад,
Имшаб наҳанги ташнаи дарёи Раҳнамо.

Дар бекарони водии нафсам раҳо макун,
Эй раҳнамову раҳбари яктои Раҳнамо.

2010

## **Муноҷот**

Дар дами тӯфони дарёи дамон дастам бигир,
Дар тафи саҳрои сӯзони замон дастам бигир.

Дар набарди зиндагонӣ устухонам гард шуд,
Зери сангинии ин бори гарон дастам бигир.

Шайх дар шавқи ҷазои ошиқон уфтодааст,
Бепаноҳам, эй паноҳи ошиқон, дастам бигир.

Аз сари қаҳтии имон одамӣ хун мехӯрад,
Дар муҳити гургҳои беамон дастам бигир.

Тортанҳои суханчинро диле мардона деҳ,
Рӯзи гирдоби гумони бадгумон дастам бигир.

Зиндагиро мурда-мурда зиндагӣ кардам гузашт,
Соати ташрифи марги ногаҳон дастам бигир.

Розҳои Раҳнаморо аз карам урён макун,
Эй Карими Роздори Роздон дастам бигир.

Хору харобу хаставу маҷрӯҳ меравам,
Маълум нест шаҳр ва ё кӯҳ меравам.

Саркӯби хасму хастаи таҳқири ошно,
Сӯзан ба қалбу обила бар рӯҳ меравам.

Хоҳам, ки аз муҳити шумо бенишон шавам,
Чун нахли тар ба бешаи анбӯҳ меравам.

Чизе ба рӯйи ҳеҷ касе ҳам намекашам,
Хомӯӯӯш дар қаламрави андӯӯӯҳ меравам…

2013

Чил сол пештар ба ҷаҳон омадӣ чаро?
Болотар аз шуури замон омадӣ чаро?

Бо он паёми рӯшану бонги биҳиштият,
Бар ҷамъи гӯшҳои гарон омадӣ чаро?

Эй шамъ дар иҳотаи кӯрон чӣ мекунӣ?
Эй сабз бар муҳити хазон омадӣ чаро?

Эй ҳудҳуди рамидаи водии маърифат,
Бар ҳалқаҳои донаву дон омадӣ чаро?

Эй ҳодии раҳоиву пайғоми ростӣ,
Бар хуфтагон чу бонги азон омадӣ чаро?

Маъзур, гар ба санги маломат биронамат,
Ин тифл ширхору ту нон омадӣ чаро?...

Аҳволи мо магар зи хаёлат гузашта буд?
К-имшаб ба хоби сӯхтагон омадӣ чаро?

Эй шамъи ноз бар сари болини Раҳнамо,
Чун сарв омадию равон омадӣ чаро?

Аждаҳои нафс ҳар дам аждаҳоӣ мекунад,
Ақли пуртадбир гоҳо бевафоӣ мекунад.

Дар қадамгоҳи сиёсат гар билағжад пойи кас,
Ошно ҳам пешаи ноошноӣ мекунад.

Сахт сангин аст даъвои сабуксорон маро,
Дар ҳавои хеш парвози ҳавоӣ мекунад.

Ҳар куҷо дидем шайху сӯфию алломае,
Нохудогоҳе, ки исёни худоӣ мекунад.

Чун чароғи дудполо доғи маҳфил мешавад,
Тирабунёде, ки даъвии зиёӣ мекунад.

Нозам он чашмони нозатро, ки бо дастури ноз,
Раҳнаморо раҳбариву раҳнамоӣ мекунад.

Тавҳиди мутлақе, ки зи майхона мерасад,
Бисёр ошиқонаву мастона мерасад.

Гар гӯш во кунем зи бутхонаву ҳарам,
Васфи ҷамоли дилбари якдона мерасад.

Эй шайх, рӯҳи дини набиро, ки бохтӣ,
Вазъат ба гӯши халқ чу афсона мерасад.

Аз мавҷхези фисқу фасоде, ки меравад,
Тарсам, ки ин биҳишт ба вайрона мерасад.

Ё Раб, асири пайкари обу гилам макун,
Рӯзе, ки ҷон ба ҳазрати ҷонона мерасад.

Иштироки ширк бо имон аҷаб,
Ихтилофи шайх бо Қуръон аҷаб.

Эътимоди халқ бар ҷодугарӣ,
Бутпарастии мусулмонон аҷаб.

Деҳаи худро ҷаҳон пиндоштем,
Аз ҷаҳондории аҷдодон аҷаб.

Ориёӣ мардикорӣ меравад,
Аз табори Рустами Дастон аҷаб.

Файласуфи ришвахор эҷоди мост,
Эй зи Афлотуну аз Юнон аҷаб!...

Олими нодидамактабро кӣ дид?
Нашри донишномаи нодон аҷаб.

Ошиқон сар монда дар болини ноз,
Раҳнамо танҳову саргардон аҷаб.

**Ба сӯйи муҳаббат**
(Бо қофияи шифоҳии мардумӣ)

Бори дигар ба сӯйи муҳаббат руҷӯ кунем,
Бо вожаҳои сабз ба ҳам гуфтугӯ кунем.

Дар кӯчаҳо саломи намозӣ ба ҳам диҳем,
Бори дигар ба атри муҳаббат вузӯ кунем.

Гар дар тавони мо амалу кори нек нест,
Дар боби ҳам накӯст, ки фикри накӯ кунем.

Дар ин кавири хушк касе ёри мо нашуд,
Дар сояи муомилаи ҳам нумӯ кунем,

Моро касе бародару ёвар намешавад,
Чун такягоҳ ҷониби ҳам боз рӯ кунем.

Аз чор сӯй фитнаи душман нишастааст,
Вақти сухан мулоҳизаи чор сӯ кунем.

Эй ишқ, эй ниҳояти эҳсоси растагон,
Рӯзи ҳулули сабзи туро орзу кунем.

Бори дигар ба сӯйи муҳаббат руҷӯ кунем…

# Аз нахустмаҷмӯаи

# «ОҒОЗИ ДӮСТДОРӢ»

**(Душанбе, «Адиб», 2003)**

Маҷмӯаи шеърҳои даврони наврасӣ ва ҷавонию донишҷӯйии муаллиф, ки дар се дафтари дастнавис ҷамъ шуда буданд, дар парокандагиҳои солҳои 90-ум аз байн рафтанд. Пас аз гузашти солҳо бахше аз онҳо аз саҳифаҳои матбуоти даврии ҳамон солҳо (1990 – 1993) ва баъзеи дигар аз пеши дӯстони қадрдон ҷамъоварӣ шуданд, вале афсӯс, ки худи он дафтарҳои то имрӯз ҳам ба таври комил ба даст наомадаанд. Албатта, ҳоло дареғ аз он нест, ки он шеърҳо хуб ё бад буданд, балки дареғ аз он аст, ки онҳо машқҳои аввалин ва басе самимӣ буданд. Ва ҳамон чанд шеъре, ки аз он даврон мондааст, ҳанӯз ҳам бо содагиву самимияти худ фарқ мекунанд.

Маҷмӯаи «Оғози дӯстдорӣ», ки соли 2003 дар интишороти «Адиб» ба нашр расид, маҳз ҳамон шеърҳои боқимонда аз наврасию донишҷӯйӣ ва чанд шеъри дигари замони таҳсилу навфикриро дар бар мегирифт. Дар ин бахш, намунаҳое аз шеърҳои он маҷмӯаи нахуст, ки муаллиф онҳоро чун нахустфарзанд гиромӣ медорад, оварда шудаанд.

# Сарсухани устод Низом Қосим
# бар маҷмӯаи «Оғози дӯстдорӣ» (2003)

Барои нахустин силсилашеърҳои Абдуллоҳи Ҳаким Раҳнамо дар вақташ маъруфтарин шоирони Тоҷикистон Бозор Собир ва Гулрухсор сарсухан навишта буданд, ки худ далели гӯёи завқу ҳунари ӯст. Баъдан Абдуллоҳ барои таҳсил ба хориҷ рафту шахсаш аз диёру ёрон ва шеъраш аз назарҳои дӯстдорон муддати мадиде дур монд.

Ва акнун, аз ин маҷмӯа бармеояд, ки ҳаргиз аз табутоби шоирӣ дур набудааст ва дуриҳо аз ёру диёр ба сухани дилрас наздиктараш кардаанд. Ӯ, хоҳ аз рӯзгори содаю озодаи деҳаву кӯдакӣ тасвирҳо бисозад ва хоҳ ашъори ирфонӣ бигӯяд (ки маҳсули сафару омӯзишҳои охираш аст ва дар онҳо, гарчи кӯшишҳои сар ба само бурдан карда, по бар замин дорад), хело самимист ва сухани дилаш бетардид ба гӯши дилҳо мерасад.

Далели ин суханҳо метавон мисраъ, байт ва банду шеърҳои зиёд овард, вале чун акнун маҷмӯаи ашъораш дастрас аст, ин амалро барои худи хонандаи соҳибзавқ вомегузорем.

Ҳамин қадар меафзоем, ки шеър дӯстдорист. Дӯстдории зебоиҳои талху ширини зиндагист. Дӯстдорона лаҳзаҳои муассири рӯзгорро бо ҷилои тозае дар оинаи ҷону дил барои ҳамагон намудан аст. «Оғози дӯстдорӣ»-и Абдуллоҳро барои худаш, ки он ҳамаро самимона дӯст медорад ва барои ҳамаи дӯстдорони шеър муборакбод мегӯем ва орзу мекунем, ки ин дӯстдорӣ мудаввому беанҷом бошад.

**Низом Қосим,**
**2003**

Чу ёдҳои ту биншаст дар гулӯ имшаб,
Шароб мешаваму медарам сабӯ имшаб.

Майи фурӯғ ба ҷомам бирез, ай хуршед,
Ки дар сиёҳии ғам меравам фурӯ имшаб.

Чӣ сахт зистам ин чанд рӯзи гетиро,
Магар раҳо кунадам дасти орзу имшаб.

Саре баландтар аз ҳар чӣ буд, моро буд,
Ба дор медиҳадаш қавми ҳоюҳу имшаб.

Зиҳӣ умед чу мӯйи шумо дароз имрӯз,
Зиҳӣ хаёл чу рӯйи  шумо наку имшаб.

Биёву бо лаби нӯшини худ хамӯшаш кун,
Ки Раҳнамо нанишинад зи гуфтугӯ имшаб,

Чу ёдҳои ту биншаст дар гулӯ имшаб...

1994

Бомдодон, ки саропои ту нуронӣ буд,
Олам аз файзи нафасҳои ту рӯҳонӣ буд.

Баракоти ту  ба офоқ парешон мешуд,
Ба насиме, ки ҳама накҳати райҳонӣ буд.

Эй хуш он дам, ки зи хубии ту огаҳ гаштем,
Оҳ, то омаданат даҳр чӣ зулмонӣ буд.

Бе ту хуршед ҳам эҳсоси ятимӣ мекард
Ва ҳаво низ дар андуҳи ту боронӣ буд.

Шояд аз баъди ҳазорон шаби ашкафшонӣ,
Шаби милоди ту як ҳадяи раҳмонӣ буд,

Бе ту ин қавм ба гум гаштани худ бовар кард,
Сарнавишташ чӣ нависем, ки сарсонӣ буд…

Ё Раб, ин байт чӣ розест, ки ифшо омад,
Ё ки тафсири кадом ояи раббонӣ буд.

Ишқ аз синаи хунгаштааш эҳё мешуд,
Раҳнамо ташнаи як бӯсаи ирфонӣ буд,

Бомдодон, ки саропойи ту нуронӣ буд...

1998

Агар дар беҳтарин тасвир муште устухонам ман,
Вале дар матлаъи парвози худ боре гаронам ман.

Битарсам аз замоне, к-ӯ маро бар кӯи худ хонад,
Вале побанди банди тан, дар ин зиндон бимонам ман.

Бувад рӯзе, ки аз рози муҳаббат парда бикшоям,
Ки худ як парда аз рози ҳакими роздонам ман.

Ва ё рӯзе ба гесуи малоик панҷа андозам,
Ки хокизодае аз наслҳои осмонам ман.

Халоиқ рӯзу шаб тадбири бадномии ҳам дорад,
Худоё, дар ҷавонӣ сужаи сад достонам ман.

Чаро бояд шикаст ин орзуҳои баландамро,
Гуноҳе ҳам агар бигзашт, эй пирон, ҷавонам ман.

Маро дарёб дар андӯҳҳои сабзи боронҳо,
Ки бо ҳар қатраи ашки равони худ равонам ман.

Куҷоед, эй парастуҳои то зеҳни Худо рафта,
Ки имшаб бо баландии шумо ҳамдостонам ман,

Агар дар беҳтарин тасвир муште устухонам ман…

1997

Бигӯ бар нозанини ман таманное, ки ман дорам,
Ба ёдаш шӯру шавқу ишқу савдое, ки ман дорам.

Ду чашмам ғарқи дидораш, ду гӯшам
ғарқи гуфтораш,
Аз ӯ пур гаштааст имрӯз ҳар ҷое, ки ман дорам.

Барои рӯйи некуяш надорам ҳеҷ тимсоле,
Магар ин синаи оинаосое, ки ман дорам.

Барои қадди болояш надорам ҳеҷ тасвире,
Магар ин рӯҳи дардандуди волое, ки ман дорам.

Зи баъди солҳои тираи беҳамзабониҳо,
Магар ёрӣ кунад бар шахси танҳое, ки ман дорам.

Зи баъди сӯхтанҳое, ки кас нашниду кас нашнохт,
Магар парвонае рӯяд зи шабҳое, ки ман дорам.

Худоё, дар даруни қарни ҳушёриву худбинӣ,
Ҷунун мерӯяд аз ҳар гарди саҳрое, ки ман дорам.

Зи баъди ман маро бар синаҳои сард бояд рехт,
Наҳангу мавҷ меҷӯшад зи дарёе, ки ман дорам...

1998

Ва туро Худо фиристод, ки ман наҷот ёбам,
Ва зи баъди мурдаҷонӣ нафаси ҳаёт ёбам.

Зи ду дасти меҳрборат зи нав интишор гардам,
Ва раҳи ҳидояти хеш зи нақши пот ёбам.

Ту ба ин кавири сӯзон чу кароматe гузар кун,
Ки дубора сабз гардам, сифати набот ёбам.

Ба хаёли меҳрубоне ҳама умр метапидам,
Ту бимон, бимон, бимон то зи ту илтифот ёбам.

Чӣ басе гузашту андӯҳ намеравад зи ҷонам,
Магар аз ҳулули сабзат шарафи нишот ёбам.

Ҳамаам зи даст рафтасту тиҳист сарнавиштам,
Ту башорате бифармой, ки дар куҷот ёбам.

Ту биёву осмонро ба ман ошно кун, эй ҷон,
Ки агарчи Раҳнамоям, ҳама раҳнамот ёбам.

Ту бишӯ, бишӯ, бишӯ ин дили доғгаштаамро,
Ки туро Худо фиристод, ки ман наҷот ёбам...

1998

Чу қоматат ба назар ҷилваҳои мавзун зад,
Рухат ба ними ҷаҳон партави ҳумоюн зад.

Сарои чашми маро ашк сарнагун овард,
Ғалат кӣ кард, ки ин хаймаро ба Ҷайҳун зад?

Ту, эй ғарибтар аз сабзае миёни кавир,
Кият ба сурхии як навбаҳор дар хун зад?

Дареғи домани поку намозии меҳан,
Ки фарқ то ба кафаш доғҳои гулгун зад.

Чу майсаҳои сари гӯр рози синаи ман,
Ба ёди рӯйи Ватан байт-байт берун зад.

Чу қоматат ба назар ҷилваҳои мавзун зад…

1993

Эй кош ин карашмаи зебо надоштӣ,
Як халқро асири тамошо надоштӣ.

Ҷон додаӣ хаёли фурумурдаи маро,
Эй кош, ин тавони Масеҳо надоштӣ.

Боз омадиву хонаи мо сӯхтан чаро,
Ҷуз ман магар рақиб ба дунё надоштӣ?

Кош аз замини синаи ман сар намезадӣ,
Як нисбате ба ин сари танҳо надоштӣ.

Ман Юсуфи дамидаи як насл будаам,
Шарме зи достони Зулайхо надоштӣ?

Эй кош ин карашмаи зебо надоштӣ…

# ДУР АЗ ВАТАН

Гарчи умрест дар ин шаҳр нишеман дорем,
Ҳеҷ аз ёд набурдем, ки Меҳан дорем.

Ба шуморе, ки нафас меравад аз синаи мо,
Ҳама дам сӯйи ту ҳангомаи рафтан дорем.

Боз мерав ба найистони худ, эй шери жаён,
Ки дар ин бодия аз ҷинси ту як тан дорем,

Хез, к-ин бор гарон омаду ин роҳ дароз,
Ба Худо, қисмати як халқ ба гардан дорем...

Бе ту як мазрааи сӯхта будем ҳама,
Бо ту инак, сухан аз хушаву хирман дорем.

Бо ту дар қарни фурумурдани мардони бузург,
Боз ҳам қуввати бозуи Таҳамтан дорем.

Ва дар ин бодия аз ҷинси ту як тан дорем...

1996

## **Шеъри муҳоҷир**

Шеъри ман лаҳҷаи борон дорад,
Шеваи мурғи куҳистон дорад.
Шеъри ман лаҳҷаи мотам дорад.
Ва насими хунуки ғам дорад.

Хонаи мисраи ман торик аст,
Хаймаи як бачаи тоҷик аст.
Он, ки симои чу гандум дорад.
Хайма дар кишвари мардум дорад.

Хони шеърам, ки тиҳӣ аз нон аст,
Хони як пиразани Хатлон аст.
Дидаи шеърам агар нам дорад,
Як бадахшист, ки мотам дорад.

Сари шеъри ман агар бар санг аст -
Рӯзи овораи тоҷик танг аст.
Дили шеъри ман агар ғамгин аст,
Дили овораи тоҷик ин аст.

Ман агар ҳарфи парешон гӯям,
Ту мапиндор, ки ҳазён гӯям.
Ҳарфҳои ман агар бетананд–
Ҳамватанҳои парешони мананд.

1994

## **Номае аз хориҷ**

*Барои хоҳари бузургворам Фарзона*

Гули гандум, гули гандум, гули гандум,
Чӣ хорӣ мекашам дар кишвари мардум.
Гули наргис, гули наргис, гули наргис,
Ба ин хорӣ фаромӯшам макун ҳаргиз.

Гули савсан, гули савсан, гули савсан,
Хуморӣ гаштаам аз дурии Меҳан.
Гули қоқу, гули қоқу, гули қоқу,
Ҷавонему хушиҳои ҷавонӣ ку?

Ало Фарзона, мо ноком бигзаштем,
Ту шеъри тоҷиконро ҷовидонӣ кун,
Ало бонуи як насли хазонгашта,
Ҳарими орзуҳоро ту бонӣ кун.

Басе бигзашту он хуни Сиёвушон,
Ба рӯйи ҷилди девонам намехушкад.
Ва оби чашмаҳои софи кӯҳистон,
Ба чашмонам, ба чашмонам намехушкад...

Гули лола, гули лола, гули лола,
Чӣ мегӯяд ҷавони бисту яксола?
Гули райҳон, гули райҳон, гули райҳон,
Ту ҳам ёде бикун аз ҳоли муштоқон.

1993

## Раҳнамо низ Тоҷикистон аст

Инак, эй пуштаҳои хуршедӣ,
Инак, эй Меҳани булуринам,
Гоҳ-гоҳе агар раво дорӣ,
Хобҳоят ба хоб мебинам.

Дар дили солҳои танҳоӣ,
Ман туро бо вуҷудам оғуштам,
Қуллаҳоят сари сафедам шуд,
Пуштаҳоят хамидани пуштам.

Рӯди Сайҳуну рӯди Омуят,
Дар ду чашмам ҳануз гирён аст.
Дӯстон гоҳ-гоҳ мегӯянд,
Раҳнамо низ Тоҷикистон аст.

Ин ҳама тир дар дилам биншаст,
Орзуи ту ҳеч кушта нашуд,
Ин ҳама ашк рафт рафту ҳанӯз,
Ёдҳои ту ҳеҷ шуста нашуд…

1994

## Шаҳрест орамида

Рӯзе, ки тарк гуфтам ёрони хушгиламро,
Ёдам бирафт гирам ҳамроҳи худ диламро.
Рӯзе, ки дастхолӣ аз доманат бирафтам,
Эй кош дар ду чашмам як акс мегирифтам.

Пурсидам аз азизон аз ҳоли Тоҷикистон,
Бар чеҳраи афифаш ин доғ чун нишаста?
Гуфто: Аз он вилоят як қисса метавон гуфт,
Ниме ба хок рафта, ниме ба хун нишаста.

Шаббодаи шабонгаҳ бӯйи ту занг дорад,
Шабҳои тирхурда он ҷо чӣ ранг дорад?
Он ҷо, ки дасти қисмат поиз мефурӯшад,
То низ мефурӯшад, то низ мефурӯшад?

Шаҳрест орамида дар обҳои дида,
Бо ёди чашмҳояш шабҳо наметавон хуфт.
Ҳам берун аз канораш осон наметавон мурд,
Ҳам қиссаи фироқаш осон наметавон гуфт…

1994

## Ғурури оворагони тоҷик

Мо масти чанд сиккаи мардум намешавем,
Шайдои чанд барга табассум намешавем,
Доғи Ватан ба сина ҳанӯз арғувонӣ аст,
Овора гаштаем, вале гум намешавем...

1994

# ТАРОНАИ БОД
## *(Аз чакидаҳои аввалин)*

## Таронаи бод

Ман аз барои хеш навиштам таронае,
Сар то ба пой замзамаи ишқи поки туст.
Шояд хаёли хеш фиристӣ ба кӯйи ман
Ёд оварӣ, ки ошиқи поке ҳалоки туст.

Эй рух намо, ки чашм шавам, чашм, чашм, чашм.
Эй лаб кушо, ки гӯш шавам, гӯш, гӯш, гӯш.
Сад доду сад дареғ, ки ёдам намекунӣ,
Ман ҳӯш, ҳӯш, ҳӯшу ту рӯпушиву хамӯш.

Ман пой, пой, пояму сӯйи ту меравам,
Гум  карда роҳ дар шаби мӯят чу марди кӯр.
Ман бол, бол, боламу сӯйи ту мепарам,
Ту абрпораиву шавӣ дур, дур, дур.

Баъд аз ту дар сукути валангорҳои ман,
Ку дидае, ки ҳасрати мурдан намекунад?
Дар ман тамоми бодияҳо хушк мешаванд,
Бар ман тамоми халқи Худо гиря мекунад.

Ман шеър, шеър, шеъраму такрор мешавам,
Такрори номи поки ту худ шеъри бебаҳост.
Ман шеъраму зи шеър нафас мекашам, нафас,
Шеъри сафеди номи ту ҳам боду ҳам ҳавост.

Ман аз барои хеш навиштам таронае,
Сар то ба по тараннуми номи накуи туст.
Хонам ба гӯши боди сабо ин таронаам,
К-он ҳам ба ёди рӯйи ту дар орзуи туст.

Чун бишнавӣ зи боди сабо ин таронаам,
Аз дурдасти ишқ ба сӯям кунӣ хурӯш…
Боз ову рух намо, ки шавам чашм, чашм, чашм,
Боз ову лаб кушо, ки шавам гӯш, гӯш, гӯш…

1991

## Ишқи заминӣ

Пас биё, эй соҳиби дасти булурӣ,
Пас биё, эй соҳиби чашмони обӣ,
Пас биё, эй осмонӣ, эй гулобӣ,
Ишқи мо ишқи заминӣ буд.

Ишқи мо ишқи заминӣ буд,
Як фурӯғе дошт – номаш дӯстдорӣ,
Як дурӯғе дошт – номаш интизорӣ,
Як қароре дошт – номаш беқарорӣ.

Дар хаёлам то кунун дар зери боронҳо тарӣ,
Бо хаёли он шаби борон ту боронпарварӣ,
Ёд меориву месӯзӣ ба дил,
Эй кунун аз бевафоиҳо хиҷил.

Ишқи мо ҳамзоди борон буд,
Як дурӯғе дошт – унвонаш тарона,
Як ҳарифе дошт – унвонаш замона,
Як хаёле дошт – унвонаш фасона.

Ман ҳам  имшаб мекашам дарди парешонӣ,
Бо хаёли шоми ишқогини боронӣ.
Қиссаҳо хонам ба гӯши осмон,
Қиссаҳои нотамоми ишқамон.

Ишқи мо ишқи заминӣ буд,
Як паёме дошт – номаш ошноӣ,
Як давоме дошт – номаш бевафоӣ,
Як тамоме дошт – унвонаш ҷудоӣ.

Пас биё, эй дӯстдори фасли борон,
Пас биё, эй шаҳсавори шаҳри армон.
Пас биё чун ёд аз он ишқи тилоӣ,
Чун паёми ошноӣ…

Ишқи мо худ зиндагонӣ буд,
Як нишоне дошт – номаш бенишонӣ,
Як тавоне дошт – номаш нотавонӣ,
Дошт як қурбоние – номаш ҷавонӣ.

1992

## Наврӯз

Наврӯзи нав, биё!
Наврӯзи нав, биё!
Шояд, ки қиссаҳои нави ишқи мурдаро
Дар сина ҷон диҳам.
Шояд таронаро, ки чу ман бемакон шудаст,
Дар худ макон диҳам.

Шеъри сафед хоҳаму зард аст шеъри ман,
Зардиш акси зардии ин рӯзгори мост.
Эй Рӯзи Нав, биёву ба вомондагон бигӯ,
К-ин зиндагии зард ба шаъни ту носазост.

Эй ҳамсафар, ту рӯй битобӣ зи рӯйи ман,
Ҳар гаҳ, ки ман ба гуфтани дарди ту сар кунам.
Дардо, ки ҳамзабониву ҳамдард нестӣ,
Ночор хешро ба раҳи ишқ мезанам.

Шояд дар он диёри зи бедардии ту пок,
Худро аз ин хамӯшии сардат амон диҳам.
Шояд, ки қиссаҳои нави ишқи мурдаро
Дар сина ҷон диҳам…

Эй духтаре, ки гум шуда дар ёдҳои ман,
Шояд, ки фасли нав ба ман орад паёми ту.
Маъзур, он чунон ту зи ман дур гаштаӣ,
Дар баргаҳои хотири ман нест номи ту.

Ман дар баҳори хурраму борони нам-намаш,
Дидам ҷилои он руху гармии он бадан.
Пас, эй баҳори тоза, бигӯ, худ ту нестӣ
Он духтаре, ки гум шуда дар ёдҳои ман?…

1991

## Наботи бачагӣ

Набот бастааст шохаҳои себ
Зи барфи рӯбарӯйи шаб.
Ба гӯш пахта кардаанд бомгӯшаҳо
Зи ҳуштаки гулӯйи шаб.

Хаёлам ин шаби ман истиораест
Зи бачагии ҷомапӯши ман.
Даҳони мо ба шири нав сафед мекунад
Ба сад мурод моми фаллаҷӯши ман.

Набот бастаанд шохаҳои себ.
Наботчойи кӯдакии мо чӣ гуна буд?
Талошҳои кӯдакии мо чӣ гуна буд?
Гаҳе мағал намуда аз барои шохаи набот,
Гаҳе барои як пиёла чояки кабуд.

Зиҳӣ бародарӣ, бародарӣ,
Гаҳе расидаем аз ғазаб ба ҷони ҳамдигар,
Гаҳе зи бесарӣ рабудаем нони ҳамдигар,
Ва ёд бод рӯзҳои сарди чиллае,
Ки даст гарм кардаем дар даҳони ҳамдигар.

Падар, падар,
Ҳанӯз дар ҷувозхонаӣ, баро,
Баро, ки шом мешавад қазо
Ту бӯйи руғани зағер мекунӣ
Ба бӯйи худ маро ту сер мекунӣ.

Набот бастаанд шохаҳои себ…
Ва сар ба шиша мезанам зи васваси хаёлҳо,
Ки баччагӣ ба пушти шишаҳост
Валек шиша тира мешавад зи ҳавли ҷон,
Ки баччагӣ ба пушти шиша нест.
Ки баччагит дури дури дур,
Басе, басе, басест...

## Баҳори русто

Шишаҳои шушаҳои ях зи гӯши бом рехт,
Духтари бегушвор аз шарм бар рух лола кишт:
Сурхрӯ шуд деҳаи андовагӣ,
Деҳаи андовагии тоҷикӣ.

Суфии покизадомони зимистонро нигар,
Хешро аз нав ба хилватхонаи порина зад.
Хайма бар саҳро кашиданд ошиқон,
Хаймаҳои ормон.

Меваи гунҷишкҳо хам карда шохи бедро –
Нест дар ин боғ нахли бесамар.
Хаста-хаста ин зимистонро ба Наврӯз оваридам,
Сабз бошӣ то ба Наврӯзи дигар!

1992

## Ҳама ҷо сабз

Ҳама ҷо накҳати атри гули себ,
Ҳама ҷо дидабару дидафиреб,
Ҳама ҷо аз ту дар оинаи зеб,
Ҳама ҷо сабзу ту сабзолудӣ.

Дашт шодоб шуд аз шабнами пок,
Боғ  хандида ба сад ғунчаи чок.
Сабза оварда паёми дили хок,
Ҳама ҷо сабзу ту сабзолудӣ.

Хати абрӯйи ту абрӯйи баҳор,
Хами гесӯйи ту гесӯйи баҳор,
Биравам сӯйи ту чун сӯйи баҳор,
Ҳама ҷо сабзу ту сабзолудӣ.

Ту ҷавониву ҷавониву ҷавон,
Сабз рӯйидаи аз решаи ҷон,
Сабз рӯйидаиву сабз бимон,
Ҳама ҷо сабзу ту сабзолудӣ.

1990

## Шоли зардолу

Гул  медамаду сапеда мерӯяд,
Аз ханҷари барқ осмон чок аст.
Гул медамаду сапеда мерӯяд,
Рӯйи дилам аз ғубори ғам пок аст.

Оғӯши баҳору атри боронҳо,
Ҳар дил ғалаён кунад ба умеде.
Аз кӯча ба кӯча кӯч мебандад,
Боде ба хаёли кокули беде.

Эй  момаи сарсафеди зардолу,
Аз  шӯри ҷавонӣ мезанӣ фарёд.
Эй  момаи сарсафеди зардолу,
Эҳёи ҷавоният муборак бод!

Эй шохаи тути пири бобоӣ,
Дасти тару сабзи худ чӣ меёзӣ?
Бонуи баҳор майли мо дорад,
Бар гардани ӯ чӣ даст андозӣ?

Гул медамаду сапеда мерӯяд,
Муштоқи гулу фидои боронам.
Гулбӯсаи ошиқонае бояд,
То то ба баҳори дигаре монам…

1990

## Ба дарёт нест

Ту тасвири як моҳии кучакӣ
Ки дар байтҳои равон
Шино мекунӣ
Ва дар ҳеҷ як бирка пайдот нест
Ба дарёт нест.

Ту танҳо як оинаӣ,
Ба зангори тасвир ноошно
Ба ҷуз отифа
Ба ту ҳеҷ чизе падидор нест
Ҳароина зоти ту такрор нест.

## Носуруда

Барг бикшо, эй ҳамоҳанги ҷавонӣ,
К-аз ғами рӯидан озодат набинам.
Чун гиё дар раҳгузори бӯсаҳоят,
Менишинам,  менишинам,  менишинам.

Бар сафои ман сафедорон гувоҳанд,
Кардаем имсол бо ҳам баргрезӣ.
Лек чашмонат намерезад ба чашмам,
Мегурезӣ, мегурезӣ, мегурезӣ.

Боз шом афсонаҳои тор дорад,
Марди танҳоест дар афсонаҳоям.
Боз дар доми сукути  интизорӣ,
Бесадоям, бесадоям, бесадоям.

Ёд бод он  орзуҳои баландам,
Меравам бо ҷони аз ғамҳо зудуда,
Меравам, дардо, ки мемонад сурудам,
Носуруда, носуруда, носуруда.

## МУНДАРИЧА


**Сухане дар бораи ин маҷмӯа**.................................3

**Набзи шеъри Абдуллоҳи Раҳнамо**.........................7

**Интихоби ман ин аст**.........................................15

Интихоби ман ин аст ........................................16
Суруди Ватан ...................................................18
Роҳати ҷон аст тоҷик.........................................19
«Солгарди истиқлол» .........................................20
Ватан шавем.......................................................23
Вафо кардам ......................................................24
Қаламрави баланд ..............................................25
Ҷойгоҳи Ватан ...................................................26
Ҷойгоҳи давлат...................................................27
Шукрона ............................................................28
Эъломияи инқилоб .............................................31
Чоҳ набояд канам ...............................................33
Айнӣ ва давлат: *соли 1929* ..................................34
Зиёӣ ..................................................................35
Андешаи созандагӣ ............................................36
Инқилоби маориф ..............................................37
Ватанро мафурӯш ...............................................39
Пешвои нур ........................................................40
Видоъ бо Восеъ ...................................................41
Сабақи Украина..................................................42
Бар ошно нависам пайғоми ошноӣ ......................44
Суруди «Достони истиқлол»................................45
Китоб ................................................................46
Суруди «Литсейи Раҳнамо» ..................................47
Таронаи марзбон ................................................48
Паём муборак ....................................................50

**Ин Ватанро нигар ба чашми хирад** ..................... 51
Ин ватанро «нигар ба чашми хирад» ............... 52
Дар водии Вахон ............................................. 53
Мақоми Вахё .................................................... 54
Таронаи Бадахшон............................................ 56
Хотираи Даштиҷум........................................... 58
Оинаи Раштонзамин.......................................... 59
Рӯзгорони Ҳисор .............................................. 60
Симои Истаравшан .......................................... 61
Хотираи қурбониёни Яккабеди Файзобод...... 62
Хотираи Бадахшон............................................ 63
Осмоншаҳри Карон........................................... 64
Фазои Сангвор .................................................. 66
Ҷавҳари Рӯшон.................................................. 68
Ҳамин аст Хоруғ .............................................. 69
Ёддошти Ишкошим........................................... 70
Ватандории Ишкошим...................................... 71
Қашанг аст Шуғнон .......................................... 72
Хотираи Ванҷ ................................................... 74
Хотираи Алмосӣ............................................... 76

**Дӯст дор зистан!** ................................................ 77
Ҳадаф ............................................................... 78
Ёди гулгаште, ки чидам аз гули рухсор гул ..... 79
Дӯст дор зистан! ............................................... 80
Оқил аз нодон биранҷад, во аҷаб ..................... 81
Туӣ он ҷуръаи масте, ки дар соғар намегунҷӣ . 83
Рафтанд рӯзгорон чун рӯзҳои бозӣ ................. 84
Тасвире аз танҳоӣ.............................................. 85
Не бузургам, не сутургам.................................. 88
Аз даст рафт...................................................... 89

Бомдоди Наврӯз ....................................................91
Шамими васл мерасад, салом интизорҳо! ........92
Ба пири маънӣ ......................................................93
Барои устод Рустами Ваҳҳоб...........................94
Шабеҳа ..................................................................95
Дар пайванди ду азиз ........................................96
Барои Сайёрабонуи азиз ....................................97
Пайкараи Султони Ҳамад ..................................98
Озарахшу Фарзона .............................................100
Тилфон аҷали ман! *(Машқи шеъри ҳаҷвӣ)* .....101

**Агар имон мебуд** ..............................................103
Агар имон мебуд.................................................104
Гар ҳама пиру ҷавон бар илм имон оварем ...105
Номае ба Иқболи Лоҳурӣ .................................106
Имрӯзи мусалмонон ..........................................108
Фақеҳ....................................................................110
Марзе муқаддас аст вафову бародарӣ ............111
Рӯзадорему ришва мегирем.............................112
Ҷанги мазҳаб......................................................113
Баҳси шиаву суннӣ ...........................................114
Аз фитнаи сиёсати маккор алҳазар.................115
Вақт аст, ки дигар сухани хом нагӯем ............116
Эй раҳнамову раҳбари яктои Раҳнамо ...........117
Муноҷот .............................................................118
Хору харобу хаставу маҷрӯҳ меравам ............119
Чил сол пештар ба ҷаҳон омадӣ чаро? ...........120
Аждаҳои нафс ҳар дам аждаҳой мекунад .......121
Тавҳиди мутлаке, ки зи майхона мерасад ......122
Иштироки ширк бо имон аҷаб .......................123
Ба сӯйи муҳаббат ..............................................124

**Аз нахустмаҷмӯаи «Оғози дӯстдорӣ»** ............... 125
Сарсухани устод Низом Қосим бар
маҷмӯаи «Оғози дӯстдорӣ» (2003) .................. 127
Чу ёдҳои ту биншаст дар гулӯ имшаб ............ 129
Бомдодон, ки саропои ту нуронӣ буд............ 130
Агар дар беҳтарин тасвир ............................... 130
Бигӯ бар нозанини ман .................................. 132
Ва туро Худо фиристод, ки ман наҷот ёбам .. 133
Чу қоматат ба назар ҷилваҳои мавзун зад ..... 134
Эй кош ин карашмаи зебо надоштӣ ............... 135

**Дур аз Ватан** ................................................. 136
Гарчи умрест дар ин шаҳр нишеман дорем.... 137
Шеъри муҳоҷир ............................................... 138
Номае аз хориҷ ................................................ 139
Раҳнамо низ Тоҷикистон аст ......................... 140
Шаҳрест орамида ............................................ 141
Ғурури оворагони тоҷик ................................. 142

**Таронаи бод** ***(Аз чакидаҳои аввалин)*** ................ 143
Таронаи бод..................................................... 144
Ишқи заминӣ ................................................... 146
Наврӯз.............................................................. 148
Наботи бачагӣ ................................................. 149
Баҳори русто.................................................... 151
Ҳама ҷо сабз ................................................... 152
Шоли зардолу.................................................. 153
Ба дарёт нест................................................... 154
Носуруда.......................................................... 155

*Абдуллоҳи Раҳнамо*

# ДӮСТ ДОР ЗИСТАН

Ба чоп 17.02.2021 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Теъдоди нашр 1000 нусха. Супориши № 52.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com